# ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУД ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

**Ҳисоботи молиявӣ**
барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид

**ва ҳисоботи аудитори мустақил**

# ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

**МУНДАРИҶА**

**Саҳифа**

ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ БА МАСЪУЛИЯТИ
ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ
БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД 2

ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ 3-4

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ
БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД:

Ҳисобот оиди фоида ё зарар ва дигар фоидаи умумӣ 5

Ҳисобот оиди вазъи молиявӣ 6

Ҳисобот оиди тағъирёбии сармоя 7

Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ 8-9

Эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ 10-78

# ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

## ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД

Роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки вазъи молиявии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд Ташкилоти амонатии қарзии хурди «ФИНКА»-ро (дар оянда «Ташкилот») ба санаи 31 декабри соли 2022, аз руи натиҷаи амалиетхои хочагидори, инунин гардиши воситаҳои пулӣ ва тағъирёбии сармоя барои соле, ки дар ин сана ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (дар оянда «СБҲМ») инъикос менамояд, ҷавобгар аст.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият ҷавобгар аст ба:

- интихоб ва истифодаи макбули усулҳои сиёсати ҳисобдорӣ;
- пешниҳод намудани маълумот, инчунин маълумот дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, дар шакле, ки бамавриднокӣ, боэътимоднокӣ, қиёспазирӣ ва возехии чунин ахборотро таъмин менамояд;
- пешниҳод намудани маълумоти иловагӣ дар ҳолатҳое, ки риояи талаботи СБҲМ барои фаҳмиши таъсири ин ё он амалиётҳо, ва инчунин дигар воқеъаҳо ва ҳолатҳо ба вазъи молиявӣ ва натиҷаи молиявии Ташкилот аз тарафи истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ кофӣ нест;
- баҳо додан ба қобилияти Ташкилот барои давом додани фаъолият дарояндаи дидашаванда.

Роҳбарият инчунин ҷавобгар аст барои:

- тартиб, татбиқ ва таъмини самаранокӣ ва боваринокии низоми назорати дохилии Ташкилот;
- бурдани баҳисобгирӣ дар шакле, ки эзоҳ намудан ва фаҳмонидани амалиётҳои Ташкилот, ва инчунин пешкаш намудани маълумоти дар сатҳи зарурӣ аниқ оиди вазъи молиявии Ташкилот ва фароҳам намудани мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба СБҲМ-ро, таъмин менамояд;
- бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;
- қабул намудани чораҳои оқилона барои таъмини амнияти дороиҳои Ташкилот;
- пешгири ва ошкор намудани амалиётхои калобии молиявӣ ва ғайра.

Ҳисоботи молиявии Ташкилот барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид, аз тарафи Роҳбарияти Ташкилот дар санаи 31 марти соли 2023 тасдиқ шудааст.

**Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:**

**Сергей Ким**
**Раиси Раёсат**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қудратов Олимчон**
**Сармуҳосиб**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

bakertilly
501 офис, куч. Бохтар 37/1,. Душанбе, 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
T: + 992 (44) 600 46 55 contact@bakertilly.tj www.bakertilly-ca.com

**ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ**

Ба Саҳҳомон ва Шӯрои нозирони Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд Ташкилоти амонатии қарзии хурд «ФИНКА» (дар оянда «Ташкилот»):

**Ақида**

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд Ташкилоти амонатии қарзии хурд «ФИНКА»-ро (дар оянда «Ташкилот»), ки аз ҳисобот оиди вазъи молиявӣ дар санаи 31 декабри соли 2022, ҳисоботҳо оид ба фоида ва зарар, тағъирёбии сармоя ва гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар ин сана ба охир расид ва инчунин эзоҳоти усулҳои асосии сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар тавзеҳот иборат аст, гузарондем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии мазкур дар тамоми ҷанбаҳои асосӣ вазъи молиявии Ташкилотро дар санаи 31 декабри соли 2022, ва инчунин натиҷаи фаъолият ва гардиши воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар ин сана ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ("СБҲМ") боэътимодона инъикос менамояд.

**Асос барои ақида**

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ ("СБА") гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши "Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботҳои молиявӣ"-и ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст ("Кодекси ШСБАМ"), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Ташкилот мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем барои изҳори ақидаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

**Банди диққатҷалбкунанда**

*Азнавҳисобкунии муносиб*

Мо диққатро ба Эзоҳи 3 ҷалб менамоем, ки дар он тавсиф карда мешавад, ки асъори амалиётӣ ва пешниҳоди ин ҳисоботи молиявӣ сомонии тоҷикӣ аст. Маблағҳо бо доллари ИМА, ки дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳод шудаанд, аз тарафи СБҲМ талаб карда нашудаанд ва ҳамчун маълумоти иловагӣ барои роҳати истифодабарандагон пешниҳод карда шудаанд. Маблағҳо дар ҳисоботи молиявии ҳамроҳшуда, ки ба доллари ИМА гузаронида шудаанд, дар асоси дар Эзоҳи 3-и ҳисоботи молиявӣ овардашуда, ҳисоб карда шудаанд ва ҳатман маблағи доллари ИМА-ро, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои Ташкилот мегирифт ё пардохт менамуд нишон намедиҳанд. Ин масъала ба тағъир додани ақидаи мо наовардааст.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъули идоракунии Ташкилот барои ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарияти Ташкилот барои таҳия ва пешниҳоди боэътимодноки ҳисоботи молиявии мазкур мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ, ва инчунин барои таъсис додани низоми назорати дохилие, ки онро роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявие, ки дорои таҳрифи муҳими дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва хатогӣ бавуҷудомада нест, зарур меҳисобад, масъул аст.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ, Роҳбарияти Ташкилот барои баҳодиҳии қобилияти давом додани фаъолият дарояндаи дидашаванда, ва вобаста аз вазъият эзоҳ намудани масъалаҳои ба фаъолияти мунтазам вобаста ва истифода намудани асоси фаъолияти мунтазам ҳангоми баҳисобгирӣ масъул мебошад, ба истисноӣ ҳолатҳои нияти барҳамдиҳии Ташкилот ё қатъ намудани фаъолияти он доштани Роҳбарият ё ин ки интихоби воқеии дигар надоштани он.

Шахсони масъули идоракунии Ташкилот барои назорат аз болои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии Ташкилот масъуланд.

**Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботи молиявӣ**

Ҳадафи мо аз гирифтани боварии комил оиди аз таҳрифи муҳими дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва хатогӣ бавуҷудомада озод будани ҳисоботи молиявӣ ва изҳори ақидаи аудиторӣ, ки ақидаи моро дар бар мегирад, иборат аст. Боварии комил ин боварии дараҷаи баланд мебошад, аммо он кафолат намедиҳад, ки дар раванди санҷиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда, ҳамаи хатогиҳои руйдода ошкор мешаванд. Хатогиҳо метавонанд дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакорона ё хатогӣ ба вуҷуд оянд ва дар ҳолате муҳим ҳисобида мешаванд, ки агар дар алоҳидагӣ ё якҷоягӣ метавонанд ба интихоби иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботҳои молиявӣ карда мешавад, таъсир расонанд.

Дар давоми санҷиши аудиторӣ мувофиқи СБА мо доварии касбиро амалӣ намуда скептисизми касбиро дар давоми аудит нигоҳ медорем. Мо инчунин:

- хавфи дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва хатогӣ ба вуҷуд омадани хатогии муҳимро дар ҳисоботи молиявӣ муайян намуда ба он баҳо медиҳем, тартиботи аудиториро, ки ба ин хавфҳо ҷавобгаранд тайёр ва иҷро менамоем, далелҳои аудиториеро, ки барои баён намудани ақидаи мо кифоя ва муносиб мебошанд дастрас менамоем. Хавфи ошкор накардани хатогиҳои муҳими дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ба вуҷуд омада аз онҳое, ки дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷуд омадаанд, зиедтар мебошад, зеро амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ метавонад махфинигоҳдорӣ, фиреб, таҳрифоти қасдӣ, изҳороти хатто ё иҷтинοби назорати дохилиро дар бар гирад.
- назорати дохилиро дар ҳудуде меомузем, ки ба санҷиши аудитори дахолат дорад ва барои тайёр намудани тартиботи аудитории муносиб зарур аст, на барои изҳор намудани ақида оиди самаранокии назорати дохилии Ташкилот.
- Муносиб будани сиёсати ҳисобдории истифодашаванда ва асоснок будани баҳодиҳии молиявӣ ва эзоҳоти марбутро, ки аз тарафи Роҳбарият пешниҳод шудаанд аз назар мегузаронем.
- Ақидаро оиди асоснок будани истифодаи асоси фаъолияти мунтазам барои тайер намудани ҳисоботи молиявӣ аз тарафи роҳбарият, ва дар асоси далелҳои аудитории дастрасшуда оиди мавҷуд будани номуайянии муҳими ба ҳодисае ё шароите алоқаманд, ки метавонад қобилияти фаъолияти мунтазами Ташкилотро таҳти шубҳаи ҷиддӣ орад, тайёр менамоем. Агар мо ба ақидае биёем, ки номуайянии муҳим мавҷуд аст, мо бояд дар ақидаи аудитории худ диққатро ба эзоҳоти муносиб дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем, ва агар чунин эзоҳот нокифоя бошад, ақидаи худро тағъир намоем. Ақидаи мо дар далелҳои аудитории то санаи ақидаи аудиторӣ гирифташуда асос меебад. Аммо ҳодисаҳо ё шароитҳои оянда метавонанд қобилияти фаъолияти мунтазами Ташкилотро таҳти шубҳа монанд.
- Оиди пешниҳоди умумии ҳисоботи молиявӣ, сохтор ва мазмуни он, аз ҷумла эзоҳот, ва инчунин пешниҳоди одилонаи амалиётҳо ва ҳодисаҳо дар ин ҳисоботи молиявӣ баҳо медиҳем.

Мо ба шахсони масъули рохбарикунандаи  Ташкилот маълумотро оиди банақшагирии хачм  ва мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва инчунин мушоҳидаҳои муҳими аудит, аз ҷумла норасоиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, ки мо дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудаем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунӣ изҳорот медиҳем, ки мо талаботҳои ахлоқии марбут ба истиқлолиятро риоя кардаем ва бо онҳо ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳое, ки метавонанд ба истиқлолияти мо оқилона пиндошта шаванд ва дар ҳолатҳои дахлдор, кафолатҳои марбут ба онҳо муоширaт кунем.

Хайруллоев Фирдавс
Директор
ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»

Иҷозатнома № 000014 ки аз ҷониби
Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

### ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ФОИДАИ УМУМӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 ба охир расид | Азнавҳисобкунии муносиб – Эзоҳи 3 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид *Бо ҳазор доллари ИМА* | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 ба охир расид *Бо ҳазор доллари ИМА* |
| Даромади фоизӣ | 20 | 91,806 | 78,740 | 7,916 | 6,958 |
| Хароҷоти фоизӣ | 20 | (27,969) | (20,625) | (2,412) | (1,823) |
| **Даромади холиси фоизӣ то таъсири барқарорсозии захира аз руи беқурбшавии дороиҳое, ки аз руи онҳо фоиз ҳисоб карда мешавад** | | **63,837** | **58,115** | **5,504** | **5,135** |
| Барқарорсозии захира аз руи беқурбшавии дороиҳое, ки аз руи онҳо фоиз ҳисоб карда мешавад | 8 | (1,180) | 653 | (102) | 58 |
| **ДАРОМАДИ ХОЛИСИ ФОИЗӢ** | | **62,657** | **58,768** | **5,402** | **5,193** |
| (Хароҷоти)/даромади холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 21 | 15,248 | 8,472 | 1,315 | 749 |
| Даромади/(хароҷоти) холис аз дороиҳо/ухдадориҳои молиявӣ аз рӯи арзиши одилона, ки тағъироти онҳо дар таркиби фоида ё зарар инъикос мешавад | | (30,187) | (27,391) | (2,603) | (2,421) |
| Хароҷоти холис аз хизматрасонӣ ва комиссия | 22 | (374) | (430) | (32) | (38) |
| Дигар даромадҳо | | 193 | 3 | 17 | - |
| **ДАРОМАДИ ХОЛИСИ ҒАЙРИФОИЗӢ** | | **(15,120)** | **(19,346)** | **(1,303)** | **(1,710)** |
| **ДАРОМАДИ АМАЛИЁТӢ** | | **47,537** | **39,422** | **4,099** | **3,482** |
| ХАРОҶОТИ АМАЛИЁТӢ | 23 | (39,008) | (34,164) | (3,364) | (2,962) |
| **ДАРОМАД ТО ТАЪСИРИ ДИГАР ЗАХИРАҲОИ АМАЛИЁТИ** | | **8,529** | **5,258** | **735** | **464** |
| Захира барои беқурбшавии дороиҳои дигар | 12 | (423) | 7 | (36) | 1 |
| **ДАРОМАД ТО АНДОЗБАНДӢ** | | **8,106** | **5,265** | **699** | **465** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 24 | (2,719) | (2,074) | (234) | (183) |
| **ДАРОМАДИ ХОЛИС** | | **5,387** | **3,191** | **465** | **282** |
| **ФОИДАИ УМУМӢ** | | **5,387** | **3,191** | **465** | **282** |

**Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:**

**Сергей Ким**
**Раиси Раёсат**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қудратов Олимҷон**
**Сармуҳосиб**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-78 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравaнд. Ҳисоботи аудитори мустақил дар саҳифаи 3-4 оварда шудааст.

# ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
## ДАР САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳот | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 | Азнавҳисобкунии муносиб – Эзоҳи 3<br>31 декабри соли 2022<br>*Бо ҳазор доллари ИМА* | 31 декабри соли 2021<br>*Бо ҳазор доллари ИМА* |
|---|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО:** | | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 5 | 58,747 | 53,788 | 5,758 | 4,760 |
| Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд | 6 | 11,635 | 5,812 | 1,140 | 514 |
| Дороиҳои молиявии деривативӣ | 7 | - | 1,882 | - | 167 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 8 | 252,931 | 218,288 | 24,791 | 19,318 |
| Қоғазҳои қиматноки сармоягузорӣ | 9 | - | 5,985 | - | 530 |
| Воситаҳои асосӣ | 10 | 2,311 | 2,030 | 227 | 180 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 11 | 5,087 | 5,943 | 499 | 526 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 12 | 104 | 189 | 10 | 17 |
| Дороиҳои андоз аз фоида | 24 | 3,133 | 5,712 | 307 | 505 |
| Дигар дороиҳо | 13 | 3,788 | 3,997 | 370 | 352 |
| **ҶАМЪИ ДОРОИҲО** | | **337,736** | **303,626** | **33,102** | **26,869** |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | | | |
| **УҲДАДОРИҲО:** | | | | | |
| Уҳдадориҳои молиявии деривативӣ | 7 | 27,721 | 4,982 | 2,717 | 441 |
| Амонатҳои мизоҷон | 14 | 70,019 | 32,580 | 6,863 | 2,883 |
| Воситаҳои бонкҳо | 15 | - | 3,000 | - | 265 |
| Ӯҳдадориҳои иҷоравӣ | 16 | 5,440 | 6,209 | 533 | 549 |
| Маблағҳои қарзӣ ва овердрафтҳо | 17 | 178,648 | 206,962 | 17,510 | 18,315 |
| Дигар уҳдадориҳо | 18 | 2,810 | 2,182 | 275 | 194 |
| **Ҷамъи уҳдадориҳо** | | **284,638** | **255,915** | **27,898** | **22,647** |
| **САРМОЯ:** | | | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 19 | 81,217 | 81,217 | 15,369 | 15,369 |
| Захираи умумӣ | | 4,797 | 4,797 | 686 | 686 |
| Зарари ҷамъшуда | | (32,916) | (38,303) | (4,731) | (5,195) |
| Захираи азнавҳисобкунии асъори хориҷӣ | | - | - | (6,120) | (6,638) |
| **Ҷамъи сармоя** | | **53,098** | **47,711** | **5,204** | **4,222** |
| **ҶАМЪИ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **337,736** | **303,626** | **33,102** | **26,869** |

**Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:**

**Сергей Ким**
**Раиси Раёсат**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қудратов Олимчон**
**Сармуҳосиб**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-78 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравcomponentsанд. Ҳисоботи аудитори мустақил дар саҳифаи 3-4 оварда шудааст.

# ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЪИРЁБИИ САРМОЯ
## БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Сармояи оинномавӣ | Захираи умумӣ | Зарари ҷамъшуда | Фарқияти қурбии ба вуҷуд омада | Ҷамъи сармоя |
|---|---|---|---|---|---|
| **Дар санаи 1 январи соли 2021** | **81,217** | **4,797** | **(41,494)** | **-** | **44,520** |
| Даромади умумӣ | - | - | 3,191 | - | 3,191 |
| **Дар санаи 31 декабри соли 2021** | **81,217** | **4,797** | **(38,303)** | **-** | **47,711** |
| Даромади умумӣ | - | - | 5,387 | - | 5,387 |
| **Дар санаи 31 декабри соли 2022** | **81,217** | **4,797** | **(32,916)** | **-** | **53,098** |

| **Азнавҳисобкунии муносиб – Эзоҳи 3** | **Сармояи оинномавӣ** *Бо ҳазор доллари ИМА* | **Захираи умумӣ** *Бо ҳазор доллари ИМА* | **Зарари ҷамъшуда** *Бо ҳазор доллари ИМА* | **Фарқияти қурбии ба вуҷуд омада** *Бо ҳазор доллари ИМА* | **Ҷамъи сармоя** *Бо ҳазор доллари ИМА* |
|---|---|---|---|---|---|
| **Дар санаи 1 январи соли 2021** | **15,369** | **686** | **(5,477)** | **(6,638)** | **3,940** |
| Фарқияти қурбии ба вуҷуд омада | **-** | **-** | **-** | **-** | **-** |
| Даромади умумӣ | - | - | 282 | - | 282 |
| **Дар санаи 31 декабри соли 2021** | **15,369** | **686** | **(5,195)** | **(6,638)** | **4,222** |
| Фарқияти қурбии ба вуҷуд омада | - | - | - | 518 | 518 |
| Даромади умумӣ | - | - | 465 | - | 465 |
| **Дар санаи 31 декабри соли 2022** | **15,369** | **686** | **(4,730)** | **(6,120)** | **5,205** |

**Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:**

**Сергей Ким**
**Раиси Раёсат**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қудратов Олимҷон**
**Сармуҳосиб**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-78 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравонд. Ҳисоботи аудитори мустақил дар саҳифаи 3-4 оварда шудааст.

## ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

### ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
### БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзо-ҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 ба охир расид | Азнавҳисобкунии муносиб – Эзоҳи 3<br>Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид *Бо ҳазор доллари ИМА* | Азнавҳисобкунии муносиб – Эзоҳи 3<br>Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 ба охир расид *Бо ҳазор доллари ИМА* |
|---|---|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ:** | | | | | |
| Даромад то андозбандӣ | | 8,106 | 5,265 | 699 | 465 |
| Ислоҳот барои: | | | | | |
| Барқарорсозии захира аз руи беқурбшавии қарзҳо ба мизоҷон | | 1,180 | (653) | 102 | (58) |
| Хароҷот оид ба истеҳлок ва фарсудашавӣ | | 3,024 | 2,183 | 262 | 194 |
| Зарари фарқияти қурбӣ | | (11,553) | (8,355) | (996) | 11 |
| Беқурбшаваии дигар дороиҳо | | 423 | (7) | 41 | (1) |
| Тасҳеҳи арзиши одилонаи воситаҳои молиявии деривативӣ | | 30,187 | 27,391 | 2,603 | 2,421 |
| Зарар аз содироти воситаҳои асосӣ | | - | 25 | - | 2 |
| Тағъироти холиси фоизҳои ҳисобшуда | | (69,756) | (58,115) | (5,503) | (5,135) |
| Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағъирёбии дороиҳо ва уҳдадориҳои амалиётӣ | | (38,389) | (32,266) | (2,792) | (2,101) |
| Тағъирёбии дороиҳо ва уҳдадориҳои амалиётӣ | | | | | |
| Камшавӣ/(зиёдшавии) дороиҳои амалиётӣ: | | | | | |
| Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд | | (5,884) | (4,092) | (631) | (362) |
| Дороиҳои молиявии деривативӣ | | (25,450) | (16,634) | (2,190) | (1,696) |
| Қарзҳо ба мизоҷон | | 56,047 | 35,095 | 3,426 | 3,095 |
| Дигар дороиҳо | | (234) | 135 | (61) | 13 |
| (Камшавӣ)/зиёдшавии уҳдадориҳои амалиётӣ: | | | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | | 32,920 | 22,475 | 3,590 | 1,989 |
| Уҳдадориҳои молиявии деривативӣ | | 19,883 | 2,418 | 2,030 | (309) |
| Воситаҳои бонкҳо | | (3,203) | 2,525 | (282) | 223 |
| Маблағҳои қарзӣ ва овердрафтҳо | | (395) | (15,310) | (35) | (1,287) |
| Дигар уҳдадориҳо | | 3,340 | 636 | 314 | 59 |
| Воридшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ | | 38,635 | (5,018) | 3,369 | (375) |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (2,719) | (2,199) | (234) | (195) |
| Хориҷшавии холиси воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ | | 35,916 | (7,217) | 3,135 | (570) |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | | (1,377) | (1,792) | (119) | (159) |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | | - | (91) | - | (8) |
| Истифодашавии холиси воситаҳои пулӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ | | (1,377) | (1,883) | (119) | (167) |

# ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

## ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ (ДАВОМ)
## БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | | | | **Азнавҳисобкунии муносиб – Эзоҳи 3** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Эзо-ҳот** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 ба охир расид** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расид** *Бо ҳазор доллари ИМА* | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 ба охир расид** *Бо ҳазор доллари ИМА* |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | | | |
| Маблағҳои қарзӣ ва овердрафтҳои гирифташуда | | 12,042 | 83,037 | 1,038 | 7,281 |
| Пардохти маблағҳои қарзӣ ва овердрафтҳо | | (40,356) | (29,515) | (3,480) | (2,611) |
| Пардохти уҳдадориҳои иҷоравӣ | | (2,397) | (1,813) | (207) | (161) |
| Воридшавии/(хориҷшавии) холиси воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ | | (30,711) | 51,709 | (2,648) | 4,509 |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъор ба воситаҳои пулӣ дар асъори | | (4,854) | (426) | (419) | (38) |
| Таъсири фарқияти қурбӣ | | - | - | 518 | - |
| **КАМШАВИИ ХОЛИСИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО** | | (1,026) | 42,183 | (467) | 3,733 |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар аввали давра** | **5** | **59,773** | **17,590** | **5,290** | **1,556** |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар охири давра** | **5** | **58,747** | **59,773** | **5,758** | **5,290** |

Дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2022 ба охир расидааст, фоизҳои гирифташуда ва пардохтшудаи Ташкилот 86,337 ҳазор сомонӣ (7,444 ҳазор доллари ИМА) ва 34,152 ҳазор сомониро (2,945 ҳазор доллари ИМА), мутобиқан ташкил доданд.

Дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2021 ба охир расидааст, фоизҳои гирифташуда ва пардохтшудаи Ташкилот 73,369 ҳазор сомонӣ (6,848 ҳазор доллари ИМА) ва 34,850 ҳазор сомониро (3,020 ҳазор доллари ИМА), мутобиқан ташкил доданд.

**Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:**

**Сергей Ким**
**Раиси Раёсат**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қудратов Олимчон**
**Сармуҳосиб**

31 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-78 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб мераванд. Ҳисоботи аудитори мустақил дар саҳифаи 3-4 оварда шудааст.

# ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД «ФИНКА»

**ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ**
**БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД**
*(бо ҳазор сомонӣ)*

## 1. ТАШКИЛОТ

ФИНКА Интернейшнл, Инк. («ФИНКА»), ташкилоти ғайри тиҷоратиест, ки дар Иёллоти Муттахидаи Амрико ташкил дода шудааст. Мақсади ФИНКА «ёрӣ расондан ба бенавоён то ки онҳо ба хеш ёрӣ расонанд» аст. ФИНКА бовари дорад, ки гуруснагӣ ва бенавоиро дар дунё фақат тибқи додани хурокворӣ ва грантҳо аз байн бурдан мумкин нест, балки бояд доимӣ тариқи ёрирасонии бенавоён ба хеш ва басандагии хеши онҳо таъсир расонд.

ФИНКА шароитро барои ёрӣ расондан ба хеш ба тариқи ташкил додани фондҳои қарзии барқароршавандаи ҷомеъавӣ, ё «бонкҳои деҳавӣ» дар ҷомеъаҳои бенаво ба тариқи ташкилотҳои фаръӣ, фароҳам меорад. Ташкилотҳои фаръӣ одатан шахси хуқуқии алоҳида буда шартномаҳои фаръиро бо ФИНКА мебананд. Қарзҳои хурд сармоягузориро ба шахсият ё ташкилотҳои хурди аз тарафи ҷомеъа ташкилдодашуда фароҳам меоранд. Иштирокчиён боварӣ ба хеш, ҳурмат нисбат ба хеш пайдо мекунанд, ва сармояро нигоҳ медоранд, ки дар дохили ҷомеъа ҳамчун сарчашмаи доимии сармоя барои сармоягузории оянда мемонад.

Дар соли 2006, ФИНКА хамчун шахси ҳуқуқии алоҳида - Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурд «ФИНКА»-ро (дар оянда «Ташкилот») дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани қарз ва ёрии техникӣ ба соҳибкорони хурд, ки муҳтоҷи қарзҳои хурд барои ташкилоти хурданд, ташкил дод.

Ташкилот корхонаи тиҷоратӣ буда ташкилот фаръии Холдинги молиявии хурди ФИНКА, ки саҳмиядори асосии он ФИНКА Интернейшнл, Инк. аст, мебошад. Ташкилот дастрасии хизматрасонии молиявиро барои соҳибкорони хурде, ки даромади кам доранд, пешниҳод менамояд, то ки онҳо фаъолияти тиҷоратии худро васеъ намоянд, ҷойҳои кории навро созанд, даромади хоҷагиҳоро баланд намоянд, сатҳи зиндагиашонро беҳтар намоянд, қобилияти ташаккули даромадашонро баланд созанд, ва ба ин тавр ба тарақиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузорӣ намоянд.

Ташкилот дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 10 апрели соли 2006 ҳамчун шахси ҳуқуқӣ – ташкилоти фаръии ФИНКА Интернейшнл, Инк. ва дар мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 11 майи соли 2006 ба қайд гирифта шуда баъдан дар санаи 12 ноябри соли 2009 аз нав ба қайд гирифта шудааст. Ташкилот иҷозатномаро аз Бонки миллии Тоҷикистон барои амалиёти амонатӣ ва қарзии хурд бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар санаи 23 ноябри соли 2007 гирифтааст.

Ташкилот ба мизоҷон хизматрасонии зеринро пешкаш менамояд:

- Қарзҳои хурду миёна бо сомонии тоҷикӣ, доллари ИМА ва рубли русия ба шахсони воқеъи ва гуруҳи мизоҷон;
- Хизматрасонии интиқоли маблағҳо барои интиқоли пули нақд дар рубли русия, доллари ИМА ё евро тавассути системаҳои байналхалқии интиқоли маблағҳои;
- Хизматрасонии амонатҳои пасандозӣ ва муҳлатдор дар сомонии тоҷикӣ ва доллари ИМА;
- Ҳисобҳои корти инфиродӣ;
- Хизматрасонии мубодилаи асъор дар доллари ИМА, рубли русӣ ва сомонӣ.

Дар санаи 4 июни соли 2013 Ташкилот барои мизоҷони худ хизматрасониҳои амонатгузории пасандозӣ ва муҳлатнокро фароҳам овард. То охири декабри соли 2014 ин хизматрасонӣ ҳам дар маконҳои шаҳрӣ ва ҳам деҳотӣ пешниҳод шудааст. Хизматрасониҳо аз амонатҳои пасандозӣ ва мӯҳлатнок иборат мебошанд.

Идораи ба қайд гирифташудаи Ташкилот бо нишонаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Ҷаббор Расулов, 9 мавқеъ дорад. Дар санаи 31 декабри соли 2022, Ташкилот 17 филиал ва 7 маркази хизматрасонии бонкӣ ҷойгир дар ш. Душанбе ва минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошт. Дар санаи 31 декабри соли 2021, Ташкилот 17 филиал ва 7 маркази хизматрасонии бонкӣ ҷойгир дар ш. Душанбе ва минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошт.

Дар санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021, шумораи кормандони Ташкилот аз 378 ва 363 нафар, мутобиқан, иборат буд.

Муассис ва назоратчии ниҳоии Ташкилот ФИНКА Интернейшнл, Инк., шабакаи ташкилотҳои микромолиявӣ, ки дар ш. Вашингтон ҷойгир буда, ташкилотҳои фаръии дар 17 кишвари ҷаҳон амалкунандаро дорад, мебошад. Дар соли 2011 ФИНКА Интернейшнл, Инк. 100% саҳмияҳои Ташкилотро ҳамчун саҳми аъзогӣ ба ФИНКА Майкрофайнанс Холдинг Компани ЛЛС, ширкати дорои масъулияти маҳдуд, ки дар асоси қонунгузории штати Делавари, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ташкил дода шуда бо нишонаи 2711 Сентервил Роуд, Сют 400, Уилмингтон, Делавари 19808, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷойгир аст.

Дар санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021, саҳҳомони ФИНКА Майкрофайнанс Холдинг Компани ЛЛС чунин буданд:

| | **31 декабри соли 2022, %** | **31 декабри соли 2021, %** |
|---|---|---|
| **Саҳҳомон** | | |
| FINCA International Inc. | 65.89% | 65.89% |
| Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ (IFC) | 14.27% | 14.27% |
| Kreditanstalt für Wiederaufbau (KfW) | 8.87% | 8.87% |
| Nederlandse Financierings Maatschappij voor Ontwikkelingslanden N.V. (FMO) | 7.25% | 7.25% |
| ASN-NOVIB FONDS c/o Triple Jump B.V. | 1.67% | 1.67% |
| Triodos Custody B.V. in its capacity as custodian of Triodos Fair Share Fund | 1.03% | 1.03% |
| Triodos SICAV II – Triodos Microfinance Fund | 1.03% | 1.03% |
| **Ҳамагӣ** | **100%** | **100%** |

Ҳисоботи молиявии мазкур барои нашр аз ҷониби Роҳбарияти Ташкилот дар санаи 31 марти соли 2023 тасдиқ шудааст.

## 2. ИСТИФОДАИ СТАНДАРТҲОИ НАВ ВА ТАҒЪИРДОДАШУДА

### Истифодаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявии (СБҲМ) нав ва таҷдидгардида

Ташкилот стандартҳо ва тафсирҳои аз нав дида баромадашуда ва ислоҳшударо, ки аз ҷониби Раёсати Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоб ва Кумитаи Таҳлили Ҳисоботи Молиявии Байналмилалӣ ("IFRIC") дода шудаанд, қабул кардааст, ки барои ҳисоботи молиявии Ташкилот дар 31 декабри соли 2022 татбик карда шудаанд:

- Тағйирот дар бораи имтиезҳои иҷораи МАРБУТ ба COVID-19 пас аз 30 июни соли 2021 (тағйирот ба СБҲМ (IFRS) 16) иҷорагиронро аз арзебии он, ки ое имтиези иҷораи МАРБУТ БА COVID-19 тағиребии шартҳои иҷора аст, озод мекунад.
- Тағйирот ба СБҲМ (IAS) 37 "Захираҳо, ӯҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ, шартномаҳои вазнин" - арзиши иҷрои шартнома. Тағйиротҳо муайян мекунанд, ки арзиши иҷрои шартнома хароҷотеро дар бар мегирад, ки бевосита бо шартнома алоқаманд аст. Хароҷоте, ки бевосита бо шартнома алоқаманд аст, метавонад хароҷоти иловагӣ барои иҷрои ин шартнома бошад (мисолҳо метавонанд хароҷоти мустақими меҳнат, мавод бошанд) е тақсимоти хароҷоти дигар, ки бевосита бо иҷрои шартномаҳо алоқаманданд(мисол метавонад тақсимоти амортизатсионӣ аз рӯи объекти воситаҳои (асосии ҳангоми иҷрои шартнома истифодашаванда бошад).
- Тағйирот ба истинод ба заминаи консептуалӣ (Тағйирот ба СБҲМ (IFRS) 3). Тағйиротҳо истиноди кӯҳнашударо ба заминаи консептуалӣ дар СБҲМ (IFRS) 3 бе тағйироти ҷиддии талаботи стандарт нав мекунанд.

- Тағйирот ба СБҲМ (IAS) 41 талаботи дар банди 22 СБҲМ (IAS) 41 мавҷудбударо аз ташкилотҳо бартараф мекунад, ки ҷараени пулии андозбандишавандаро ҳангоми арзебии арзиши одилонаи дороии биологӣ бо истифода аз усули арзиши ҳозира истисно кунанд.

- Такмили солонаи стандартҳои СБҲМ барои солҳои 2018-2020: Тағйирот ба СБҲМ (IAS) 16 воситаҳои Асосӣ воридшавӣ то истифода аз рӯи таъинот. Тағйиротҳо аз арзиши объект кам кардани маблағҳои асосии ҳама гуна даромад аз фурӯши молҳое, ки ҳангоми ба макон ва ҳолати зарурӣ овардани ин дорой ба амал омадаанд, манъ мекунанд, то он тибқи нақшаи роҳбарият амал кунад. Ба ҷои ин, ширкат даромадро аз фурӯши чунин молҳо ва хароҷоти истеҳсоли ин молҳоро ҳамчун фоида е зиен эътироф мекунад.

- Такмили солонаи стандартҳои СБҲМ барои солҳои 2018-2020: Тағйирот ба СБҲМ (IFRS) 1 - аввалин қабули стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Тағйирот ба ширкати фаръии истифодаи банди D16(а) МСФО (IFRS) 1 иҷозат медиҳад, ки фарқиятҳои ҷамъшудаи курсро бо истифода аз маблағҳои нишондодаи ширкати модарӣ дар асоси санаи гузариши ширкати модарӣ ба МСФО арзебӣ кунад.

- Такмили солонаи стандартҳои СБҲМ барои солҳои 2018-2020: Тағйирот ба СБҲМ (ifrs) 9 "воситаҳои Молиявӣ – мефаҳмонад, ки корхона кадом пардохтҳоро дар бар мегирад, вақте ки он меъери 10-фоизии дар банди B3.3.6 СБҲМ (IFRS) 9 зикршударо ҳангоми арзебии мақсаднокии қатъи эътирофи ӯҳдадории молиявӣ истифода мебарад. Ширкат танҳо комиссияҳои байни корхона (қарзгиранда) ва қарздиҳанда пардохтшуда е гирифташударо дар бар мегирад, аз ҷумла комиссияҳое, ки аз ҷониби корхона е қарздиҳанда аз номи дигар пардохта е гирифта шудаанд.

- Такмили солонаи стандартҳои СБҲМ барои солҳои 2018-2020: Тағйирот ба СБҲМ (IFRS) 16 "Иҷора" тасвири ҷуброни хароҷоти иҷорадеҳро барои беҳтар кардани амволи иҷора аз мисол хориҷ мекунад барои бартараф кардани ҳама гуна нофаҳмиҳои эҳтимолӣ дар бораи баҳисобгирии имтиезҳои иҷора, ки метавонанд аз он вобаста бошанд, ки чӣ гуна имтиезҳои иҷора дар ин мисол нишон дода шудаанд.

Ин стандартҳо ва тағиротҳои нав ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти Ташкилот дар ҳисоботи молиявии мутобиқи талаботи СБҲМ таҳияшуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**СБҲМ-и нав ё таҷдидгардида – интишорёфта, вале то ҳол қувваи амал пайдонакарда**

Як қатор стандартҳо ва тафсирҳои нав бароварда шуданд, аммо то 31 декабри соли 2022 қабул карда нашудаанд ва ҳангоми тартиб додани ин ҳисоботи молиявӣ татбиқ карда нашудаанд. Стандартҳо ва тафсирҳои зерин барои тиҷорати Ташкилот марбутанд. Ташкилот интизор аст, ки ин стандартҳо ва тафсирҳоро аз рӯзи эътибор пайдо карданашон татбиқ кунад. Ташкилот таъсири эҳтимолии истифодаи ин стандартҳоро ба ҳисоботи молиявии худ таҳлил накардааст.

Ба санаи тасдиқ гардидани ҳисоботи молиявии мазкур стандартҳо ва шарҳҳои нави зерин интишор гардида бошанд ҳам, вале қувваи амалӣ пайдо накарда буданд, аз ин рӯ, Ташкилот онҳоро пеш аз мӯҳлат мавриди истифода қарор надод:

- СБҲМ (IFRS) 17" Шартномаҳои суғурта " талаб мекунад, ки ӯҳдадориҳои суғурта аз рӯи арзиши ҷории иҷроиш арзебӣ карда шаванд ва барои баҳодиҳӣ ва пешниҳоди иттилоот барои ҳама шартномаҳои суғурта муносибати якхела дошта бошанд. Ин талаботҳо барои ноил шудан ба ҳадафи баҳисобгирии пайгирона ва дар асоси принсипи шартномаҳои суғурта пешбинӣ шудаанд. Ба давраҳои ҳисоботии солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ карда мешавад.

- Ифшои сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ (Тағйирот ба СБМ 1 ва Изҳороти амалии СБҲМ 2) талаб мекунад, ки ташкилот ба ҷои сиёсати муҳими баҳисобгирии худ, сиёсати муҳими баҳисобгирии худро ифшо кунад. Тағйироти минбаъда тавзеҳ медиҳанд, ки чӣ гуна

ташкилот метавонад сиёсати баҳисобгирии муҳимро муайян кунад. Барои дастгирии ислоҳот, Раёсат инчунин роҳнамо ва мисолҳоро барои тавзеҳ ва нишон додани татбиқи “раванди муҳимияти чаҳор марҳила” дар Изҳороти амалии СБҲМ 2 тавсиф кардааст. Давраҳои ҳисоботии солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд.

- Тағйирот ба СБМ 8 Сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, Тағйирот дар баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва хатогиҳо таърифи тағирот дар баҳодиҳии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таърифи баҳисобгирии муҳосибӣ иваз карда мешаванд. Тибқи таърифи нав, ҳисобҳои муҳосибӣ "маблағҳои пулӣ дар ҳисоботи молиявӣ, ки ба номуайянии андозагирӣ дучор мешаванд" мебошанд. Ташкилотҳо тахминҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия мекунанд, агар сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ ҷузъҳои ҳисоботи молиявиро бо тарзе андозагирии номуайянии андозагирӣ талаб кунад. Тағйиру иловаҳо равшан мекунанд, ки тағирот дар баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар натиҷаи маълумоти нав ё таҳаввулоти нав ба вуҷуд меояд, ислоҳи хато нест. Давраҳои ҳисоботии солона аз 1 январи соли 2023 оғоз мешаванд.

- Андози батаъхиргузори вобаста ба дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз як амалиёти ягона бармеоянд (Тағйирот ба СБМ 12 Андозҳои даромад) тавзеҳот медиҳад, ки озодкунии эътирофи аввалия ба амалиётҳое, ки дар онҳо миқдори баробари фарқиятҳои муваққатии тарҳшаванда ва андозбандишаванда ҳангоми эътирофи аввал ба вуҷуд меоянд, татбиқ намегардад. Давраҳои ҳисоботии солона аз 1 январи соли 2023 оғоз мешаванд.

- Тағйирот ба татбиқи ибтидоии СБҲМ 17 Иҷора ва СБҲМ 9 Воситаҳои молиявӣ – Маълумоти муқоисавӣ (Илова ба СБҲМ 17) ба ташкилотҳое иҷозат медиҳад, ки бори аввал СБҲМ 17 ва СБҲМ 9-ро дар як вақт татбиқ кунанд, маълумоти муқоисавиро дар бораи дороии молиявӣ ҳамчун таснифот пешниҳод кунанд. ва талаботҳои андозагирии СБҲМ 9 ба ин дороии молиявӣ қаблан татбиқ шуда буданд. Давраҳои ҳисоботии солона аз 1 январи соли 2023 оғоз мешаванд.

- Таснифоти ӯҳдадориҳо ҳамчун ҷорӣ ё ғайриҷорӣ (Тағйироти СБМ 1 Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ) ҳадафи мусоидат ба мувофиқат дар татбиқи талаботҳо тавассути кӯмак ба ширкатҳо дар муайян кардани он, ки оё дар ҳисоботи вазъи молиявӣ қарз ва дигар ӯҳдадориҳо бо санаи пардохт номуайян аст ҳамчун ҷорӣ (дар давоми як сол пардохтшаванда ё эҳтимолан бояд пардохт шавад) ё ғайриҷорӣ тасниф карда шаванд. Ба давраҳои ҳисоботии солона, ки аз 1 январи соли 2024 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ карда мешавад.

- Ӯҳдадориҳои дарозмуддат бо шартномаҳо (Иловаҳо СБМ 1 Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ) равшан мекунад, ки чӣ гуна шартҳое, ки ташкилот бояд дар давоми дувоздаҳ моҳи пас аз давраи ҳисоботӣ риоя кунад, ба таснифи ӯҳдадорӣ таъсир мерасонад. Ба давраҳои ҳисоботии солона, ки аз 1 январи соли 2024 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ карда мешавад.

- Масъулияти иҷора ҳангоми фурӯш ва баргардонидан (Тағйирот ба СБҲМ 16 Иҷора) тавзеҳ медиҳад, ки чӣ гуна фурӯшанда-иҷорагир амалиёти фурӯш ва бозпасро, ки ба талаботи СБҲМ 15 мувофиқат мекунанд, бояд ҳамчун фурӯш ба ҳисоб гирифта шаванд. Ба давраҳои ҳисоботии солона, ки аз 1 январи соли 2024 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ карда мешавад.

Тағйирот ба СБҲМ 10 Ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда ва СБМ 28 Сармоягузориҳо дар ширкатҳои шарикӣ ва корхонаҳои муштарак – Фурӯш ё саҳми дороиҳо байни сармоягузор ва корхонаи шарик ё корхонаи муштараки он. Тағйирот ба СБҲМ 10 ва СБМ 28 ба ҳолатҳое дахл доранд, ки дар он фурӯш ё саҳми дороиҳо байни сармоягузор ва ширкати шарик ё корхонаи муштараки он вуҷуд дорад. Санаи эътибор пайдо кардани ислоҳот аз ҷониби IASB ҳанӯз муайян карда нашудааст; вале пештар татбик намудани ислоххо ичозат дода мешавад.

Ширкат ният дорад, ки ин стандартҳо ва иловаҳои навро, агар татбиқ шаванд, пас аз эътибор пайдо кардани онҳо қабул кунад.

## 3. УСУЛҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ҲИСОБДОРӢ

**Ҳисобот оиди мувофиқат.** Ҳисоботи молиявии мазкур тибқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ («СБҲМ») таҳия шудаанд.

**Қобил будан барои давом додани фаъолият дарояндаи дидашаванда.** Ҳисоботи молиявии мазкур бо тасмими қобил будани Ташкилот барои давом додани фаъолият дарояндаи дидашаванда таҳия карда шудааст.

Дар давоми солҳое, ки 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ба охир расидаанд, фоидаи умумии Ташкилот ба 5,387 ҳазор сомонӣ (465 ҳазор доллари ИМА) ва 3,191 ҳазор сомонӣ (282 ҳазор доллари ИМА, мутобиқан, баробар буд. Дар санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021, зарари ҷамъшудаи Ташкилот ба 32,916 ҳазор сомонӣ (4,731 ҳазор доллари ИМА) ва 38,303 ҳазор сомонӣ (5,195 ҳазор доллари ИМА), мутобиқан, баробар буд.

Дар санаи ба имзо расидани ҳисоботи молиявии мазкур, ба фаъолияти Ташкилот таъсири назаррас нарасидааст, зеро ягон ҳодисаи таҳрикдиҳанда ё тағъирёбии вазъ ба амал наомадааст. Роҳбарияти Ташкилот тағъиротҳои ҷории вазъи иқтисодиро пайгирӣ намуда, барои андешидани чораҳое, ки барои устуворӣ ва рушди амалиёти Ташкилот дарояндаи наздик зарур мешуморанд, пешбини менамояд. Аммо, бо сабаби номуайянии назарраси вазъ, он метавонад дар оянда ба Ташкилот таъсир расонад. Дар айни замон дараҷаи чунин таъсири манфӣ ба натиҷаҳои амалиёт, гардиши пул ва вазъи молиявии Ташкилотро наметавон оқилона баҳо дод.

Ташкилоти модари дастгирии худро дар тартиб додани нақшакашӣ ва дарёфт кардани маблағҳои иловагӣ барои дастгирии дурнамои рушди Ташкилот давом медихад.

**Асосҳои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ.** Ҳисоботи молиявии мазкур мутобиқи принсипҳои баҳисобгирӣ аз руи арзиши таърихӣ, ба истисное воситаҳои молиявии муайян, ки дар асоси арзиши одилона дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ ҳисоб карда мешаванд, чуноне ки дар сиёсати ҳисобдории дар поён овардашуда нишон дода шудааст, таҳия карда шудааст.

**Асъори амалиётӣ.** Ҳисоботи молиявии мазкур бо ҳазор сомонии тоҷикӣ ("ҳазор сомонӣ"), агар тартиби дигар нишон дода нашуда бошад, пешниҳод шудааст, ки асъори амалиётии Ташкилот мебошад, зеро моҳияти иқтисодии амалиётҳо ва ҳолатҳои ба Ташкилот марбутро хуб инъикос мекунад.

**Азнавҳисобкунии муносиб.** Ҳисоботи молиявӣ ба таври иловагӣ бо доллари ИМА пешниҳод карда мешаванд. Чунин пешниҳоди иловагӣ аз тарафи СБҲМ талаб карда намешавад ва аз ин рӯ, маълумоти иловагиро ба ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда ифода менамояд. Ҳисоботхои молиявӣ ба доллари ИМА чуноне ки дар поён нишон дода шудааст гардонида шудаанд.

Аз 1 сентябри соли 2005 сар карда аз тарафи Ташкилот Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявии 21 «Таъсири тағъирёбии қурби асъорҳои хориҷӣ» (СБҲМ (IAS) 21) барои ба доллари ИМА гардонидани ҳисоботи молиявии бо сомонӣ ифода шуда, истифода шудааст. Мувофиқи СБҲМ (IAS) 21 дороиҳо ва ӯҳдадориҳо дар асоси қурби асъори дар санаи ҳисоботӣ бартаридошта, маблағҳои сармоя дар асоси қурби асъори таърихии санаи амалиётӣ, ва маблағҳои фоида ва зарар дар асоси қурби асъори миёнаи моҳонаи давра гузаронда шудаанд. Фарқиятҳои қурбии дар натиҷаи гузарондан ба вуҷуд омада дар сармоя инъикос ёфтаанд.

Маблағҳое, ки ҳамчун аз нав ҳисобкунии муносиб пешниҳод шудаанд ҳатман ба маблағҳои доллари ИМАе, ки дар асл барои пардохти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои Ташкилот гирифта ё пардохта мешуданд, баробар нестанд.

Қурби асъори хориҷӣ, ки Ташкилот дар асоси он амалиёт кардааст инҳоянд:

| | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|
| **Қурби асъори хориҷӣ дар охири давра нисбат ба сомонӣ** | | |
| 1 доллари ИМА | 10.2024 | 11.3000 |
| 1 евро | 10.8911 | 12.7973 |
| 1 рубли русӣ | 0.1445 | 0.1507 |

Қурби асъори хориҷие, ки аз тарафи Ташкилот барои азнавҳисобкунии маблағҳо дар сомонӣ ба доллари ИМА истифода шудааст, чунин аст:

| | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|
| Қурби асъор дар санаи ҳисоботӣ | 10.2024 | 11.3000 |
| Қурби миёна | 11.5981 | 11.3162 |

***Даромади фоизии холис***. Даромад ва хароҷоти фоизӣ аз руи ҳамаи воситаҳои молиявӣ, ба истиснои онҳое, ки ҳамчун барои савдо тасниф шудаанд ва онҳое, ки бо арзиши одилона баҳо дода мешаванд ё ҳамчун бо арзиши одилона, ки тағйироти онҳо дар таркиби фоида ё зарар инъикос мешаванд (БАОДТФЗ) тасниф шудаанд, дар ҳисобот оиди фоида ё зарар дар «Даромади фоизии холис» дар таркиби «Даромади фоизӣ» ва «Хароҷоти фоизӣ» бо истифодаи усули меъёри фоизи самарабахш инъикос мешаванд. Фоизҳо аз руи воситаҳои молиявии гуруҳи БАОДТФЗ ба тағйироти арзиши одилона дар давраи ҳисоботӣ ворид карда мешавад (ниг. «Фоидаи соф/(зарар) аз руи амалиёт бо дороиҳои тиҷоратӣ ва дигар дороиҳои молиявии БАОДТФЗ ва ӯҳдадориҳои тиҷоратӣ» ва «Фоидаи соф/(зарар) аз дигар воситаҳои молиявии гуруҳи БАОДТФЗ».

Меъёри фоизи самарабахш – меъёри фоизии дисконткунии гардиши эҳтимолии минбаъдаи воситаҳои пулӣ аз руи воситаи молиявӣ то арзиши холиси тавозунии он дар давоми мӯҳлати эътибори эҳтимолии дороии молиявӣ ё уҳдадории молиявӣ ё агар имконпазир бошад, дар давоми мӯҳлати кӯтоҳтар. Гардиши эҳтимолии минбаъдаи воситаҳои пулӣ бо назардошти ҳамаи шартҳои шартномавии воситаҳо ҳисоб карда мешаванд.

Маблағи меъёри фоизи самарабахш ҳамаи пардохтҳо ва маблағҳои пардохта ё гирифташудаи байни тарафҳои шартномаро, ки ба афзоиш ва бевосита ба тартиботи мушаххаси қарздиҳӣ, хароҷоти амалиётӣ ва ҳамаи дигар мукофотпулиҳои алоқаманданд, дар бар мегирад. Барои дороиҳои молиявӣ БАОДТФЗ хароҷоти амалиётӣ дар таркиби фоида ё зарар дар ҳангоми эътирофи ибтидои инъикос мешаванд.

Даромади фоизӣ/хароҷоти фоизӣ бо истифодаи меъёри фоизи самарабахш нисбати арзиши тавозунии дороиҳои молиявӣ, ки беқурб нашудаанд (яъне арзиши истеҳлоқшудаи дороиҳои молиявӣ пеш аз ислоҳот ба маблағи захираи талафоти беқурбшавии пешбинишуда) ё арзиши истеҳлоқшудаи уҳдадориҳои молиявӣ, ҳисоб карда мешавад. Барои дороиҳои молиявии беқурбшуда, даромади фоизӣ бо истифодаи меъёри фоизи самарабахш ба арзиши истеҳлоқшавандаи дороиҳои қарзии беқурбшуда (яъне маблағи маҷмӯи таносубӣ тарҳи захира аз руи талафоти қарзии пешбинишуда) ҳисоб карда мешавад. Барои дороиҳои молиявии аз ҷиҳати қарзӣ беқурбшудаи ташаккулёфта ё харидорӣ шуда меъёри фоизи самарабахш захираи талафоти беқурбшавии пешбинишударо аз руи гардиши воситаҳои пулии пешбинишуда ки аз руи дороии молияви ба даст оварда мешавад.

Даромад ва хароҷоти фоизӣ дар ҳисобот оиди фоида ва зарари Ташкилот инчунин қисми самараноки тағйирёбии арзиши одилонаи деривативҳое, ки чун воситаҳои хеҷингӣ дар гардиши воситаҳои хеҷингии хавфи фоизӣ пешбинӣ шудаанд, дохил мешаванд. Барои хеҷингӣ арзиши одилона аз руи хавфи фоизии даромад ва хароҷоти фоизӣ, қисми самарабахши тағйирёбии арзиши одилонаи деривативҳои таснифшуда, ва инчунин тағйирёбии арзиши одилонаи хавфи таъиншудаи дериватив низ ба даромад ва хароҷоти фоида дохил карда мешавад.

***Даромади/хароҷоти хизматрасонӣ ва комиссия***. Даромад аз хизматрасонӣ ва комиссия даромадеро, ки бевосита қисми меъёри фоизи самарабахш нестанд (ба маълумоти дар боло овардашуда нигаред) дар бар мегирад. Даромаде, ки дар қисми дахлдори ҳисоботи Ташкилот оид ба фоида ё зарар инъикос шудаанд, аз ҷумла, комиссия аз руи хидматрасонии қарз, пардохти ҳаққи қарз (дар сурати эҳтимолияти набастани созишномаҳои мушаххаси қарзӣ) ва инчунн комиссия барои қарзҳои синдикатсияшуда дар бар мегирад.

Харочот барои хизматрасонӣ ва комиссияи пардохтшуда бо назардошти хизматрасонӣ инъикос мегарданд.

**Фоидаи/(зарари) соф аз амалиёт бо дороиҳои тиҷоратӣ ва дигар дороиҳои молиявии БАОДТФЗ ва ӯҳдадориҳои тиҷоратӣ.** Фоида/(зарари) соф аз амалиёт бо дороиҳои тиҷоратӣ ва дигар дороиҳои молиявии БАОДТФЗ ва ӯҳдадориҳои тиҷоратӣ ҳама фоида ва зарарро аз тағъирёбии арзиши одилонаи дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки барои тиҷорат пешбинӣ шудаанд, дар бар мегирад.

***СБҲМ (IFRS) 9 Воситаҳои молиявӣ.*** СБҲМ (IFRS) 9 талаботро оиди эътироф ва бахогузории дороиҳои молиявӣ, ӯҳдадориҳои молиявӣ ва баъзе шартномахои харид ё фурӯши ашёи ғайримолиявӣ муқаррар менамояд. Ин стандарт стандарти СБҲМ (IAS) 39 «Воситаҳои молиявӣ: Эътироф ва андозагирӣ»-ро иваз менамояд. Талаботҳои СБҲМ (IFRS) 9 тағьироти назаррасро нисбат ба стандарти СБҲМ (IAS) 39 пешниход менамоянд. Стандарти нав ба баҳисобгирии дороиҳои молиявӣ ва чанбахои муайяни баҳисобгирии ӯҳдадориҳои молиявӣ тағъироти назаррасро ворид менамояд.

Ташкилот тағъироти минбаъдаро ба СБҲМ (IFRS) 7 "Воситаҳои молиявӣ: Эзоҳот" ворид намудааст, ки нисбати маълумоти соли 2021 истифода шудааст, аммо дар маълумоти муқоисавӣ татбиқ нагардидааст.

Тағъироти асоси дар сиёсати баҳисобгирии Ташкилот аз татбики СБҲМ (IFRS) 9 дар поён оварда шудааст.

<u>Эътироф ва баходихии ибтидои.</u> Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳисобот оиди вазъи молиявии Ташкилот вақте ки Ташкилот тарафдори шартҳои воситаҳои молиявӣ мегардад, инъикос мешаванд.

Дорои молиявӣ ё ӯҳдадории молиявӣ аввалан бо арзиши одилона, ва барои воситаи молиявие, ки БАОДТФЗ нест, ҷамъи хароҷоти амалиёти, ки бевосита ба харид ё баровардани он алоқаманд аст, бахо дода мешаванд.

<u>Таснифот ва баходихии минбаъда.</u> СБҲМ (IFRS) 9 дорои се таснифи асосии дороиҳои молиявӣ мебошад: бо арзиши истехлокшаванда, бо арзиши одилона, ки тағъироти онҳо дар таркиби дигар фоидаи умумӣ (БАОДТДФУ) ва бо арзиши одилона, ки тағъироти онҳо дар таркиби фоида ва зарар (БАОДТФЗ) аст. Таснифоти СБҲМ (IFRS) 9 умуман дар модели тичорати, ки дар асоси он дороиҳои молиявӣ идора карда мешаванд ва гардиши воситахои пулии шартномавии он асос меебад. Стандарт гурухбандии қаблии аз руи СБХМ (IAS) 39-ро, ки аз дороихо то мухлати пардохт, қарз ва қарздории дебиторӣ ва дороихо барои фурӯш иборат буданд, аз байн мебарад. Тавзеҳот оиди он ки чӣ тавр Ташкилот дороиҳои молиявиро мувофиқи СБҲМ (IFRS) 9 тасниф менамояд, дар зер оварда шудааст.

СБҲМ (IFRS) 9 ба таври назаррас талаботҳои мавҷудаи СБҲМ (IAS) 39-ро барои таснифи ӯҳдадориҳои молиявӣ нигоҳ медорад.

**Дороиҳои молиявӣ.** Дорои молиявӣ бо арзиши истеҳлокшуда андозагирӣ карда мешаванд, агар он ба ҳарду шартҳои зерин ҷавобгӯ буда хамчут БАОДТФЗ тасниф карда нашуда бошад:

- Доророӣ дар доираи бизнес-моделе нигоҳ дошта мешавад, ки ҳадафи он ҷамъоварии гардиши воситахои пулии шартномавӣ бошад;

- Шартҳои шартнома аз руи дороии молиявӣ дар санаҳои муайян ба даст овардани гардиши воситахои пулиро, ки танҳо аз пардохти маблағи асосӣ ва фоизҳо (ТПМАФ) аз руи маблағи асосии пардохтнашуда иборатанд аст, дар назар дорад.

Дорои молиявӣ БАОДТДФУ бахо дода мешавад, агар он ба ҳарду шартҳои зерин ҷавобгӯ буда хамчут БАОДТФЗ тасниф карда нашуда бошад:

- Дорой дар доираи бизнес-моделе нигоҳ дошта мешавад, ки ҳадафи он аз ҷамъоварии гардиши воситахои пулии шартномавӣ ё фуруши дороиҳои молиявӣ иборат бошад;
- Шартҳои шартнома аз руи дороии молиявӣ дар санаҳои муайян ба даст овардани гардиши воситахои пулиро, ки танҳо аз пардохти маблағи асосӣ ва фоизҳо (ТПМАФ) аз руи маблағи асосии пардохтнашуда иборатанд аст, дар назар дорад.

Тамоми дороиҳои молиявӣ, ки ҳамчун бо арзиши истеҳлокшаванда ё БАОДТДФУ, чунине, ки дар боло оварда шудааст, тасниф карда нашуда бошанд, онхо БАОДТФЗ бахо дода мешаванд. Инхо инчунин хамаи воситахои молияфии дериватививиро дар бар мегиранд.

Ҳангоми эътирофи ибтидои, Ташкилот метавонад дороиҳои молиявиеро, ки дар холатхои дигар бояд бо арзиши истеҳлокшаванда ё БАОДТДФУ ба хисоб гирифта шаванд, бебозгашт ҳамчун БАОДТФЗ ба ҳисоб гирад, агар ин амал номутобиқатии баҳисобгириро бартараф намояд.

Дороиҳои молиявии Ташкилот ба чунин гуруххо баҳисобгири гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

| **Дороиҳои молиявӣ** | **Бизнес модел** | **ТПМАФ** | **Категорияҳои андозагирӣ** |
|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | Барои ҷамъоварии маблағҳои шартномавӣ | Гардиши воситахои пули танҳо аз пардохти маблағи асосӣ ва фоизҳо аз руи мабгали пардохтнашуда | Бо арзиши истеҳлокшаванда |
| Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд | Барои ҷамъоварии маблағҳои шартномавӣ | Гардиши воситахои пули танҳо аз пардохти маблағи асосӣ ва фоизҳо аз руи мабгали пардохтнашуда | Бо арзиши истеҳлокшаванда |
| Воситаҳои молиявии деривативӣ | Барои ҷамъоварии маблағҳои шартномавӣ | Гардиши воситахои пули танҳо аз пардохти маблағи асосӣ ва фоизҳо аз руи мабгали пардохтнашуда | БАОДТФЗ |
| Қарзҳо ба мизоҷон | Барои ҷамъоварии маблағҳои шартномавӣ | Гардиши воситахои пули танҳо аз пардохти маблағи асосӣ ва фоизҳо аз руи мабгали пардохтнашуда | Бо арзиши истеҳлокшаванда |
| Дигар дороиҳои молияви | Барои ҷамъоварии маблағҳои шартномавӣ | Гардиши воситахои пули танҳо аз пардохти маблағи асосӣ ва фоизҳо аз руи мабгали пардохтнашуда | Бо арзиши истеҳлокшаванда |

<u>Арзёбии модели бизнес.</u> Ташкилот ҳадафи модели тиҷоратро, ки дар он дороиҳои молиявӣ дар сатҳи портфел арзёби карда мешаванд, баҳо медиҳад, зеро ин усули идоракунии тиҷорат ва пешниҳоди иттилоотро ба роҳбарият ба таври беҳтарин инъикос мекунад. Маълумоти баррасишуда иборат аст:

- Сиёсатҳо ва ҳадафҳои изҳоршуда барои сандуқ ва фаъолияти он сиёсатҳо дар амал. Махсусан, оё стратегияи роҳбарият ба гирифтани даромади фоизии шартномавӣ, нигоҳ доштани намуди муайяни фоизҳо, мутобиқати давомнокии дороиҳои молиявӣ ба давомнокии ӯҳдадориҳое, ки ин дороиҳоро маблағгузорӣ мекунанд ё гардиши пули нақд тавассути фурӯши дороиҳо равона шудааст.
- Фаъолияти сандуқ чӣ гуна арзёбӣ мешавад ва ба роҳбарияти ташкилот гузориш дода мешавад;
- Хавфҳое, ки ба фаъолияти модели бизнес таъсир мерасонанд (ва дороиҳои молиявие, ки дар доираи ин модел нигоҳ дошта мешаванд) ва стратегияи идоракунии он хавфҳо;

- Аз чт вобаста будани ҷубронпулихо ба менеҷерхои Ташкилот (масалан, оё ҷуброн ба арзиши одилонаи дороиҳои идорашаванда вобаста аст ё дар гардиши воситахои пулии шартномавии ҷамъоваришуда асос ёфтааст); ва
- Басомад, ҳаҷм ва мӯҳлати фурӯш дар давраҳои гузашта, сабабҳои чунин фурӯш ва интизориҳои он дар бораи фаъолияти минбаъдаи фурӯш. Аммо, маълумот дар бораи фаъолияти фурӯш ба таври ҷудогона баррасӣ карда намешавад, балки ҳамчун як қисми баҳодиҳии умумӣ оид ба ҳадафи эълоншудаи идоракунии дороиҳои молиявӣ ва чӣ гуна амалӣ гардидани гардиши воситахои пулӣ, оварда шудааст.

Дороиҳои молиявие, ки барои савдо нигоҳ дошта мешаванд ё идора карда мешаванд ва самараи онҳо дар асоси арзиши одилона баҳогузорӣ карда мешаванд БАОДТФЗ бахогузори карда мешаванд, зеро онҳо на барои ҷамъоварии гардиши воситахои пули ва на барои ҷамъоварии гардиши воситахои рули ва фурӯши дороиҳои молиявӣ нигоҳ дошта мешаванд.

<u>Арзёбии он, ки оё ҷараёни гардиши воситахои пули танҳо аз пардохти маблағи асосӣ ва фоиз иборт аст.</u> Бо мақсади ин арзёбӣ, 'маблаги асосӣ' ҳамчун арзиши одилонаи дороии молиявӣ ҳангоми эътирофи ибтидои муайян карда мешавад. "Фоизҳо" ҳамчун баррасии арзиши вақтии пул ва хавфи қарзӣ, ки ба маблағи асосӣ дар тӯли давраи муайян пардохт нашудааст ва барои дигар хавфҳо ва хароҷоти асосии қарздиҳӣ (масалан, хавфи пардохтпазирӣ ва хароҷоти маъмурӣ), инчунин муайян карда мешавад ва ҳамчун маржаи фоида.

Ҳангоми баҳодиҳӣ ки гардиши воситахои пулии шартномавӣ ТПМАФ хастан ё не, Ташкилот шартҳои воситаҳоро баррасӣ менамояд. Ин баҳодиҳиеро дар бар мегирад, ки оё дороии молиявӣ мӯҳлати шартномавиро дар бар мегирад, ки метавонад мӯҳлат ё миқдори гардиши воситаҳои пулии шартномаро тағйир диҳад, ба шарте ки он ба ин талабот мувофиқат накунад. Ҳангоми баҳодиҳӣ, Ташкилот инро ба назар мегирад:

- воқеаҳои шартӣ, ки ҳаҷм ва мӯҳлати гардиши воситахои пулиро тағйир медиҳанд;
- Хусусиятҳои истифодаи карз;
- Пешпардохт ва тамдиди он;
- шартҳое, ки даъвои Ташкилотро нисбати гардиши воситахои пули аз дороиҳои муайян маҳдуд мекунанд (масалан, қарзҳои беэътибор); ва
- Хусусиятҳое, ки баррасии арзиши вактии пулро тағйир медиҳанд (масалан, барқароркунии давра ба давраи фоизҳо).

<u>Аз нав гуруҳбандӣ.</u> Дороиҳои молиявӣ пас аз эътирофи аввалаи онҳо аз нав тасниф карда намешаванд, ба истиснои давраҳое, ки Ташкилот модели идоракунии тиҷоратии дороиҳои молиявиро тағйир медиҳад. Дар сурати тағйир ёфтани модели тиҷоратӣ, ки мутобиқи он Ташкилот дорои ин ё он дороиҳои молиявӣ мебошад, чунин дороиҳо аз нав тасниф карда мешаванд. Талабот ба таснифот ва арзёбӣ, ки ба гуруҳи нав вобаста аст, ба таври перспективӣ аз рӯзи якуми давраи ҳисоботии аввалини баъди тағйир ёфтани модели тиҷоратӣ, ки ба азнавтаснифкунии дороиҳои молиявии Ташкилот овардааст, татбиқ карда мешавад. Тағйрот дар гардиши воситаҳои пулии шартномавӣ мутобиқи сиёсати ҳисобдории дар поён овардашуда ("тағйир ва қатъ намудани баҳисобгирии дороиҳои молиявӣ") таҳлил карда мешаванд.

<u>Беқурбшавӣ.</u> СБҲМ (IFRS) 9 модели «талафоти расида»-ро тибки СБҲМ (IAS) 39 ба модели «талафоти эҳтимолии қарзӣ» иваз мекунад. Модели нави беқурбшавӣ инчунин нисбати ӯҳдадориҳои қарзӣ ва шартномаҳои кафолати молиявӣ татбиқ карда мешавад, аммо на нисбати сармоягузорӣ. Тибқи СБҲМ (IFRS) 9, талафоти карзи нисбат ба СБҲМ (IAS) 39 пештар қабул карда мешаванд.
Ташкилот захираҳои тахминиро аз руи талафоти қарзии пешбинишуда нисбат ба воситаҳои молиявии зерин эътироф мекунад, ки бо арзиши одилона дар таркиби фоида ё зарар инъикос нашудаанд.

Баҳодиҳии зарар аз руи талафоти қарзии пешбинишуда (ба истиснои зараре, ки аз руи дороиҳои молиявии беқурбшудаи ташаккулшуда ё харид шуда, ки онҳо дар алоҳидагӣ баррасӣ мешаванд), бояд бо истифодаи захираи боқимонда гузаронда шавад, ки он баробар аст ба:

- ҳаҷми зарар аз руи талафоти қарзие, ки дар давоми 12 моҳи наздик интизор мешавад, яъне қисми зарар аз руи талафоти қарзие, ки дар давоми давраи то ба охир расидани мӯҳлати воситаҳои молиявӣ пешбинишуда, ки ба ҳолатҳои ичро накардани ӯҳдадориҳо аз руи воситаҳо дар давоми 12 моҳ пас аз санаи ҳисоботӣ (марҳилаи якум) алокаманданд.
- ҳаҷми зарар аз руи талафоти қарзие, ки дар давоми давраи то ба охир расидани мӯҳлати воситаҳои молиявӣ пешбинишуда, ки дар натиҷаи ҳамаи ҳолатҳои иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз руи воситаҳо ба амал меоянд ("марҳилаи дуюм" ва "марҳилаи сеюм").

Ташаккули захираи баҳододашуда ба андозаи маблағи умумии талафоти қарзӣ, ки дар давоми давраи то охири мӯҳлати амали воситаи молиявӣ пешбинӣ шудааст, дар ҳолати афзоиши назарраси хавфи қарзӣ баъд аз лаҳзаи эътирофи ибтидоии он талаб карда мешавад. Аз руи дигар дороиҳои молиявӣ, захираҳо аз руи талафоти қарзии пешбинишуда дар ҳаҷми баробар ба миқдори зарари дар давоми 12 моҳ пешбинишуда ташкил карда мешавад.

Зарар аз руи талафоти қарзии пешбинишуда арзиши имрӯзаи талафоти қарзиро бо назардошти эҳтимолияти онҳо дар бар мегирад. Баҳодиҳии ин зарарҳо ба фарқияти байни гардиши воситаҳои пулие, ки ба Ташкилот дар асоси шартнома таалук доранд ва гардиши воситаҳои пулие, ки дар асоси таҳлили эҳтимолияти як қатор сенарияҳои иқтисодӣ бо истифода аз меъёри фоизи самарабахши барои дороии муносиб ба даст оварда шудааст, баробар мебошад.
Ташкилот талафоти эҳтимолии қарзро дар алохидагӣ ё дар якҷоягӣ барои сандуқи қарзҳо, ки хавфҳои мушабеҳро доранд, бахо медихад.

Маълумоти бештар дар бораи баҳодихии талафоти қарзии пешбинищуда дар Эзоҳи 26, аз ҷумла маълумот дар бораи гурӯҳбандии воситаҳо ҳангоми баҳогузори дар якҷоягӣ пешниҳод карда шудааст.

**Дороиҳои молиявии аз ҷиҳати қарзӣ беқурбшуда.** Дороии молиявӣ дар ҳолати рӯй додани як ё якчанд чорабиние, ки таъсири манфиро ба гардиши воситаҳои пулииояндаи аз руи ин дорои ҳисобшуда мерасонанд, аз ҷиҳати қарзӣ беқурбшуда ҳисоб мешавад. Дар робита ба дороиҳои молиявии аз ҷиҳати қарзӣ беқурбшуда мафҳуми «дороиҳои марҳилаи сеюм» истифода мешавад. Нишондиҳандаҳои беқурбшавӣ маълумотро оиди рӯйдодҳои зерин дар бар мегирад:

- мушкилоти муҳими молиявии қарзгир ё қарздиҳанда;
- вайрон кардани шартҳои шартнома, ба монанди муфлисшавӣ (дефолт) ё сари вақт пардохт накардани маблағ;
- пешниҳод кардани гузашт ба қарзгиранда бо сабабҳои иқтисодӣ ё шартҳои шартномавӣ бо сабаби мушкилоти молиявии қарзгир, ки қарздиҳанда дар дигар ҳолатҳо пешниҳод намекард;
- аз байн рафтани бозори фаъоли коғазҳои қиматнок дар натиҷаи мушкилоти молиявӣ; ё
- хариди дороии молиявӣ бо тахфифи калон, ки талафоти қарзии расондашударо инъикос менамояд.

Дар баъзе ҳолатҳо, муайян кардани воқеаҳои алоҳида имконнопазир аст, зеро беқурбшавии қарзии дороиҳои молиявӣ метавонад натиҷаи таъсири якҷояи якчанд воқеаҳо бошад. Дар ҳар як санаи ҳисоботӣ Ташкилот баҳодиҳии беқурбшавии қарзии дороиҳои молиявиро мегузаронад, ки дороиҳои молиявии бо арзиши истеҳлоқшаванда ё арзиши одилона дар таркиби дигар фоидаи умумӣ мебошанд. Ҳангоми баҳодиҳии беқурбшавии қарзии воситаҳои қарзии ҳукуматӣ ва корпоративӣ, Ташкилот омилҳои ба монанди фоиданокии вомҳо, рейтингҳои қарзӣ ва қобилияти қарзгирро барои ҷалби маблағгузорӣ ба назар мегирад.

Қарз ҳамчун беқурбшуда ба ҳисоб меравад, агар ба қарзгир бо сабаби бадшавии вазъи молиявияш гузашт пешниҳод шавад, бо шарти мавҷуд набудани далелҳо, ки дар натиҷаи пешниҳоди гузашт коҳиши назарраси хавфи нагирифтани маблағҳои дар шартнома пешбинишуда ва мавҷуд набудани дигар аломатҳои беқурбшавӣ. Дороиҳои молиявӣ, ки вобаста ба онҳо тандиҳӣ муҳокима шудааст, вале пешниҳод нагардидааст, ҳамчун беқурбшуда ба ҳисоб меравад, агар аломатҳои назарраси беқурбшавии қарзӣ, аз ҷумла онҳое, ки ба таърифи муфлисшавӣ (дефолт) мутобиқат кунад мавҷуд бошанд. Муайян намудани

муфлисшавӣ (дефолт) (дар поён оварда шудааст) аломатҳои мавҷуд набудани эҳтимолияти пардохт ва гузаштани мӯҳлати пардохтро (дар ҳолати зиёда аз 180 рӯз) дар бар мегиранд.

Дороиҳои молиявии аз ҷиҳати қарзӣ беқурбшудаи ташаккулёфта ё харидорӣ шуда. Дороиҳои молиявии аз ҷиҳати қарзӣ беқурбшудаи ташаккулёфта ё харидорӣ шуда ба таври мухталиф инъикос мешаванд, зеро чунин дороиҳо аллакай дар вақти эътирофи ибтидоӣ аз ҷиҳати қарзӣ беқурбшуда мебошанд. Нисбати дороиҳои мазкур, Ташкилот ҳамаи тағъиротро дар ҳаҷми зарари қарзӣ, ки дар давоми муҳлати амалкунии дорои аз рӯзи эътирофи ибтидоӣ ба вуҷуд омадааст, ҳамчун захираи пешбинишуда эътироф мекунад; ва ҳама тағъирот дар фоида ё зарар эътироф карда мешаванд. Дар ҳолати тамоюли мусбӣ дар маблағи зарари пешбинишуда аз руи чунин дороиҳо, он ҳамчун фоида аз беқурбшавӣ эътироф мешавад. Ташкилот дар давоми солҳои 2021 ва 2020 дороиҳои молиявии аз ҷиҳати қарзӣ беқурбшудаи ташаккулёфта ё харидорӣ шударо надошт.

Инъикоси захира аз руи зарари талафоти қарзии пешбинишуда дар ҳисоботи молиявӣ. Захира аз руи зарари талафоти қарзии пешбинишуда дар ҳисоботи оиди вазъи молиявӣ ба таври зерин нишон дода мешавад:

- Барои дороиҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлокшаванда инъикос карда мешаванд: ҳамчун тарҳ аз арзиши умумии тавозунии дороиҳо;
- Барои воситаҳои қарзи гуруҳи БАОДТДФУ: дар ҳисоботи молиявӣ зарари пешбинишуда эътироф намешавад, азбаски арзиши тавозуни бо арзиши одилона муайян карда мешавад. Ҳамзамон, захира аз руи талафоти қарзии эҳтимолӣ ба маблағи аз нав баҳодиҳи дар таркиби фонди аз нав баҳодиҳии сармоягузори дохил карда мешавад;
- Барои ӯҳдадориҳои қарзӣ ва шартномаҳои кафолати молиявӣ: ҳамчун ӯҳдадории баҳододашаванда; ва
- Агар ӯҳдадориҳои қарзӣ ҳам қисми истифодашуда ва ҳам истифоданашударо дар бар гиранд ва Ташкилот наметавонад зарар аз руи талафоти қарзии пешбинишуда аз руи қисми  истифоданашударо аз зарар аз руи талафоти қарзии пешбинишуда аз руи қисми истифодашуда ҷудо намояд, Ташкилот дар ҳисоботи молияви захираро аз руи зарари талафоти қарзии пешбинишудаи умумӣ барои ҳар ду қисмҳо пешниҳод менамояд. Маблағи маҷмӯӣ ҳамчун тарҳ аз арзиши умумии тавозунии қисми истифодашуда мебошад. Ҳама гуна барзиёдии захираи умумии пешбинишуда аз арзиши тавозунии қисми истифодашуда ҳамчун  ухдадории арзёбишуда пешниҳод карда мешавад.

***Тағъир ва қатъ намудани баҳисобгирии дороиҳои молиявӣ.*** Тағъирдиҳии дороии молиявӣ дар сурате ба амал меояд, ки агар дар давраи аз санаи эътирофи ибтидоӣ то санаи пардохти дороии молиявӣ тағъирёбӣ ё дигаргунсозии шартҳои шартномавӣ, ки гардишҳои воситахои пулиро вобаста ба ин дороӣ танзим мекунанд, сурат гирад. Тағъирот ба андоза ва/ё мӯҳлати пардохти гардиши воситаҳои пулии аз рӯи шартнома пешбинишуда, дар айни замон, ё дар ояндаи наздик метавонад таъсир расонад.

Ташкилот бо мақсади ҳарчи бештар баргардонидани маблағҳо ва ба ҳадди камтарин расонидани хавфи муфлисшавии муштариён, шартҳои қарзҳоро барои мизоҷони дорои мушкилоти молиявӣ аз нав дида мебарояд. Татбиқ накардани муҷозот дар ҳолатҳое амалӣ карда мешавад, ки агар қарзгир ҳамаи тадбирҳои имконпазирро барои риояи шартҳои аслии шартномавӣ истифода барад, хавфи баланди муфлисшавӣ (дефолт) мавҷуд аст ё муфлисшавӣ аллакай ба амал омадааст, ва инчунин интизор мешавад, ки қарзгир қобилияти иҷро намудани шартҳои пешбининамудаи шартномаро дорад. Аз нав дида баромадани шартҳо дар аксари мавридҳо тамдиди муҳлати пардохти қарз, тағъир додани муҳлати гардиши воситаҳои пули аз руи қарз (пардохтҳо аз руи қарзи асосӣ ва фоиз), кам кардани гардиши воситаҳои пулии ба қарздиҳанда тааллуқ дошта (бахшидани қарздорӣ аз рӯи қарзи асосӣ ё фоизҳо), инчунин тағъир додани нишондиҳандаҳоро (меъёрҳоро) дар бар мегирад. Ҳангоми тағъир додани дороиҳои молиявӣ, Ташкилот арзёбӣ мекунад, ки оё ин тағъирот ба қатъкунии эътирофи дороӣ оварда мерасонад ё не. Мутобиқи сиёсати Ташкилот тағъирот дар он ҳолат ба қатъкунии эътирофи дороӣ оварда мерасонад, агар он сабаби фарқиятҳои назаррас дар шартҳои шартнома гардад. Барои муайян кардани он, ки шартҳои тағъирёфта аз шартҳои аслии шартномавӣ фарқ мекунанд ё не, Ташкилот инҳоро таҳлил мекунад:

- Баҳодиҳии миқдорӣ барои муқоиса кардани арзиши имрӯзаи қисми боқимондаи гардиши воситаҳои пулӣ мутобиқи шартҳои аслии шартнома ва гардиши воситаҳои пули тибқи шартҳои аз нав дида баромадашуда гузаронида мешавад, барои ин ҳарду маблағ бо истифода аз меъёри самараноки фоизи дисконт карда мешаванд. Агар фарқияти арзиши ҷорӣ аз 10% зиёдтар бошад, Ташкилот чунин мешуморад, ки он ба қадри кофӣ фарқиятест, ки боиси аз ҳисоб баровардани таназзул мегардад.

Агар шартҳо ба куллӣ фарқ кунанд, Ташкилот дороии аслии молиявиро аз нав бо арзиши одилона эътироф мекунад ва меъёри нави самарабахши дороиҳоро аз нав ҳисоб мекунад. Мутаносибан санаи аз нав ба расмият даровардани санаи эътирофи ибтидоӣ барои мақсадҳои ҳисоб кардани беқурбшавӣ, аз ҷумла бо мақсади муайян кардани зиёдшавии хавфи қарзӣ аст.

Агар шартҳо ба таври назаррас фарқ накунанд, азнавсозӣ ё тағъирёбӣ боиси ба аз нав ба хисоб гирифтани дороиҳои молиявӣ нахоҳад шуд ва Ташкилот арзиши умумии тавозуниро дар асоси гардиши воситахои пулии тағъирёфта аз руи дороии молиявӣ аз нав ҳисоб мекунад ва фоида ё зарарро дар фоида ё зарар эътироф менамояд. Арзиши нави тавозунӣ аз нав баҳисобгирии гардиши воситаҳои пулиро бо меъёри ибтидоии фоизи самарабахш ҳисоб мекунад (меъёри фоизи самарабахши тасҳеҳшудаи қарз барои дороиҳои молиявии аз беқурбшуда ё тавлидшуда).

Аз хисоб баровардани дороиҳои молиявӣ танҳо дар сурати қатъ шудани ҳуқуқҳо аз руи гардишҳои воситахои пули дар асоси шартномаи дахлдор (аз он ҷумла гузаштани муҳлати ҳуқуқҳо дар натиҷаи ислоҳот, ки ба тағъироти назаррас дар шартҳои шартномавӣ сабаб шудаанд) ё дар мавриди интиқоли дороӣ ва ҳамаи хавфҳо ва фоидаҳои марбут ба дороӣ ба ташкилоти дигар ба амал меояд. Агар Ташкилот тамоми хавфҳои асосии марбут ба дороиро интиқол надиҳад ва нигоҳ надорад, ва назорати моликияти интиқолшавандаро идома диҳад, он гоҳ он ҳиссаи худро дар ин дорои ва уҳдадории марбут ба он ба андозаи пардохти имконпазири маблағҳои дахлдор инъикос менамояд. Агар Ташкилот ҳамаи хавфҳо ва мукофотпулиҳои марбут ба дороиҳои молии интиқолшударо дар худ нигоҳ дорад, он гоҳ вай баҳисобгирии ин дороиро давом медиҳад.

**Хориҷкунии дороиҳои молиявӣ.** Қарзҳо ва коғазҳои қиматноки қарзӣ танҳо дар ҳолате, ки агар Ташкилот наметавонад пардохти пурра ё қисмии дороиҳои молиявиро асоснок интизор шавад, аз ҳисоб бароварда мешавад. Дар ин ҳолат, Ташкилот хулоса мекунад, ки қарзгир дорои ё сарчашмаи даромаде, ки имкон медиҳад маблағи пулиро барои пардохти маблағҳои зарурӣ пешниҳод намояд, надорад. Аз ҳисоб баровардан ба қатъ шудани эътироф меорад. Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки аз ҷамъоварии маҷбурии уҳдадорӣ аз руи дороиҳои молиявии аз ҳисоб баровардашуда истифода намояд. Ҷуброни хароҷоте, ки аз ҷониби Ташкилот ба таври маҷбурӣ гирифта шудааст, боиси афзоиши фоида аз беқурбшавӣ мегардад.

**Уҳдадории молиявӣ.** Уҳдадории молиявӣ ё ҳамчун уҳдадории молиявӣ бо арзиши одилона дар таркиби фоида ё зарар (БАОДТФЗ) ё дигар уҳдадории молиявӣ тасниф мешаванд.

**Ӯҳдадориҳои молиявӣ БАОДТФЗ.** Ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳолатҳои зерин ҳамчун БАОДТФЗ тасниф карда мешаванд: (i) барои тиҷорат ҳисоб карда мешавад, ё (ii) он ҳамчун БАОДТФЗ тасниф шудааст.

Ӯҳдадориҳои молиявӣ ҳамчун тиҷоратӣ дар ҳолатҳои зерин тасниф мешаванд:

- Он асосан барои бозхарид кардани он дар мӯҳлати наздик ба амал омад; ё
- Ҳангоми инъикоси аввала он ҳамчун қисми сандуқи воситаҳои молиявии муайяншуда мебошад, ки Ташкилот дар якҷояги идора мекунад ва намунаи воқеии даромади кутоҳмуддат мебошад; ё
- Он як воситаи дериватив иест, ки ҳамчун воситаи ҳеҷингӣ тасниф нашудааст ё самарон нестанд.

Ӯҳдадории молиявии аз ухдадориҳои молиявии барои тиҷорат ё баррасии мунтазам фарққунанда, ки метавонад аз ҷониби харидор ҳамчун қисми якҷояи тиҷоратӣ пардохта шавад, мумкин аст ҳамчун БАОДТФЗ бо эътирофи ибтидоӣ муайян карда шавад, агар:

- Чунин таснифот фарқияти баҳодиҳӣ ё эътирофро метавонад ба таври назаррас коҳиш диҳад ё тамоман аз байн барад.
- Дороии молиявӣ қисми гурӯҳи дороиҳои молиявӣ ё ӯҳдадориҳои молиявӣ ва ё ҳардуи онҳо мебошад, ки онҳо идора карда мешаванд ва самаранокии онҳо мутобиқи стратегияи қабулшудаи идоракунии хавф ё сармоягузории Ташкилот дар асоси арзиши одилона баҳо дода мешавад, ва маълумот дар бораи гурӯҳбандии дохилӣ дар асоси он тайёр карда мешавад; ё
- Он як қисми шартномаест, ки доройӣ як ё якчанд намуди воситаи маҳсулии дар даруни он сохташуда мебошад, ва СБҲМ (IFRS) 9 тасниф кардани тамоми шартномаро (доройӣ ё ӯҳдадорӣ) ҳамчун БАОДТФЗ иҷозат медиҳад.

Ӯҳдадориҳои молиявии гуруҳи БАОДТФЗ бо арзиши одилона инъикос карда мешаванд, ҳар гуна фоида ё талафот аз азнавбаҳоди дар таркиби фоида ё зиён эътироф карда мешавад, ба шарте, ки чунин даромад ё зарар дар муносибатҳои ҳамчун ҳуҷҷунонӣ қайдшуда иштирок намекунад. Даромади холис ё талафоти дар ҳисоботи фоида ё зиён эътироф гардида ҳама гуна фоизҳои аз рӯи ухдадории молиявӣ пардохташударо дар бар мегирад ва дар сатри “фоидаи соф /(зарар) аз дигар воситаҳои молиявии гуруҳи БАОДТФЗ” дар ҳисоботи фоида ва зарар инъикос карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, барои ӯҳдадориҳои молиявии ғайридеривативӣ, ки ҳамчун БАОДТФЗ тасниф шудаанд, андозаи тағъирёбии арзиши одилонаи ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки тағъирёбии хавфи қарзии он вобаста аст дар таркиби дигар фоидаи умумӣ эътироф мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки эътибори таъсири тағъирот дар хавфи қарзии ӯҳдадориҳо дар дигар фоидаи умумӣ метавонад ба номувофиқии бисёртари баҳисобгирии фоида ё зарар расонад. Маблағи боқимонда тағъирёбии арзиши одилонаи ӯҳдадории молиявӣ дар таркиби фоида ё зарар эътироф мешавад. Тағъирот дар арзиши одилонаи ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки ба тағъирёбии хавфи қарзии он вобастаанд ва дар таркиби дигар фоидаи умумӣ эътироф шудаанд, минбаъд ба фоида ё зарар табдил дода намешаванд; ба ҷои он, онҳо ҳангоми қатъ шудани баҳисобгирии ӯҳдадориҳои молиявӣ ба фоидаи тақсимнашуда гузаронда мешаванд.

Барои ӯҳдадориҳои қарзии баровардашуда ва шартномаҳои молиявии кафолатӣ, ки ҳамчун БАОДТФЗ тасниф шудаанд, ҳамаи фоидаву зарар дар таркиби фоида ё зарар эътироф карда мешавад.

Ҳангоми муайян кардани он, ки эътибори таъсири тағъирот дар хавфи қарзии ӯҳдадориҳо дар дигар фоидаи умумӣ ба номувофиқии бисёртари баҳисобгирии фоида ё зарар мерасонад ё не, Ташкилот эҳтимолияти ҳисоббаробар шудани таъсири тағъирёбии хавфи қарзи ӯҳдадориҳоро бо тағъироти арзиши одилонаи воситаҳои дигари молиявӣ, ки БАОДТФЗ тасниф шудаанд, арзёбӣ менамояд. Чунин арзёбӣ дар санаи эътирофи аввалин гузаронда мешавад.

**Дигар ухдадории молиявӣ.** Дигар ухдадории молиявӣ (инчунин амонатҳо ва қарзҳо) аввалан бо асоси арзиши одилона тарҳи хароҷоти амалиётӣ ҳисоб гирифта мешаванд. Дигар ухдадории молиявӣ баъдан бо асоси арзиши истеҳлоқшаванда бо истифодаи меъёри фоизи самарабахш, инъикос мегарданд.

Усули меъёри фоизи самарабахш барои ҳисоб кардани арзиши истеҳлокшавандаи ӯҳдадории молиявӣ ва бурдани хароҷоти фоизӣ ба давраи муносиб истифода мешавад. Маълумоти муфассалтар дар қисми « Даромади софи фоизӣ» дар боло оварда шудааст.

<u>Қатъ шудани эътирофи ухдадориҳои молиявӣ.</u> Ташкилот эътирофи ухдадориҳои молиявиро фақат дар ҳолати пардохт кардан, бекор кардан ва ба охир расидани муҳлати талаби ухдадориҳо қатъ менамояд. Фарқияти байни арзиши тавозунии ухдадории молиявии қатъшуда ва подоши пардохташуда ё пардохтшаванда ҳамчун фоида ва зарар инъикос мегардад.

Дар ҳолати байни Ташкилот ва қарздеҳ мубодила намудани воситаҳои қарзи бо шартҳои куллан фарққунанда баҳисобгирии он ҳамчун қатъ намудани уҳдадории мавҷудбуда ва инъикоси уҳдадории нав гузаронда мешавад. Дар ҳолати тағъироти муҳим дар шарти уҳдадории молиявии мавҷудбуда ё қисми он, ҳамчун қатъ намудани уҳдадории мавҷудбуда ва инъикоси уҳдадории нав гузаронда мешавад. Ташкилот бар он ақида аст, ки шарти ӯҳдадориҳо дар ҳолате хеле фарқ мекунанд, ки агар арзиши ҷории дисконтшудаи гардиши воситаҳои пулӣ мувофиқи шароитҳои нав, аз ҷумла, пардохтҳои комиссияҳо тарҳи комиссияҳои гирифташуда, ки дар асоси меъёри фоизи самарабахши ибтидои дисконт шудаанд, аз арзиши ҷории дисконтшудаи гардиши воситаҳои пулии бокимонда мувофиқи шароитҳои пештара зиеда аз 10% фарқ кунад. Агар тағъироти номуҳим бошад, пас фарқият байни: (1) арзиши тавозунии уҳдадори пеш аз тағъирот; ва (2) арзиши ҷории дисконтшудаи гардиши воситаҳои пулӣ пас аз тағъирот бояд дар фоида ё зарар ҳамчун даромад ва хароҷот аз тағъирёби ҳамчун қисми дигар даромад ё хароҷот эътироф карда шавад.

***Воситаҳои молияви деривативи.*** Ташкилот воситаҳои молиявии деривативиро гуногунро дорад, ки баъзеи онҳо тиҷоратӣ мебошанд, дар ҳоле, ки дигарон барои идоракунии хавфи меъёри фоизӣ, хавфи қарзӣ ва хавфи тағъирёбии қурби асъор мебошанд. Воситаҳои деривативи аз шартномаҳои форварди асъорӣ, СВОПҳои фоизӣ, СВОПҳои фоизии байниасъорӣ ва СВОПҳои қарзӣ иборат мебошад.

Воситаҳои деривативи дар аввал аз рӯи арзиши одилона дар санаи баста шудани шартнома эътироф шуда ва баъдан аз руи арзиши одилона дар ҳар санаи ҳисоботӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Фоида/зарари ба вуҷуд омада фавран дар фоида ё зарар эътироф карда мешавад.

Воситаҳои деривативи, ки дорои арзиши одилонаи мусбӣ аст, ҳамчун дороиҳои молиявӣ эътироф шуда, воситаҳои деривативи, ки дорои арзиши одилонаи манфӣ аст, ҳамчун уҳдадории молиявӣ эътироф мешавад. Воситаҳои деривативи ҳамчун дороии дарозмуддат ё уҳдадории дарозумуддат дар ҳолате эътироф мешавад, ки агар мӯҳлати боқимондаи он зиёда аз 12 моҳ бошад ва дар давоми 12 моҳ фуруш ё пардохти он дар назар дошта нашудааст. Дигар воситаҳои деривативи ҳамчун дороиҳои кутоҳмуддат ё ӯҳдадориҳои кутоҳмуддат пешниҳод карда мешаванд.

***Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо.*** Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо аз пули нақд дар хазина, маблағҳои озод дар суратҳисобиҳои муросилотӣ ва амонатӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ва маблағҳо дар суратҳисобҳои муросилотӣ дар дигар бонкҳо ва сармоягузориҳои кутоҳмуддати бозоргир бо муҳлати пардохти аввалаи на зиёд аз 90 руз иборатанд.

***Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд.*** Воситаҳои пулии барои истифода маҳдуд дар Бонки миллии Тоҷикистон аз маблағи захираҳои ҳатмие, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон ба амонат гузошта шудааст, ки аз сабаби маҳдудияти истифодаи он, ба ҳамарзишҳои воситаҳои пулӣ илова карда нашудааст.

***Воситаҳои асосӣ.*** Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ дар ҳисобот оиди вазъи молияви бо арзиши ибтидои тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда инъикос гардидаанд.
Истеҳлоқи воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ бо мақсади аз ҳисоб баровардани дороиҳо дар мӯҳлати истифодаи самарабахши онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Истеҳлоқ дар асоси усули оддӣ бо истифодаи меъёрҳои солонаи муқарраршудаи зерин ҳисоб карда мешавад:

| | |
|---|---|
| Бино | 7% |
| Ободонии моликияти иҷоравӣ | 7% |
| Таҷҳизоти компютери | 20% |
| Таҷҳизоти офисӣ | 20% |
| Мебел | 15% |
| Нақлиёт | 15% |
| Генераторҳои дизелӣ | 8% |

Воситаи асосӣ дар ҳолати фурӯш ё дар ҳолате, ки агар истифодаи минбаъдаи дороиҳо имтиёзҳои минбаъдаи иқтисодиро наоранд, аз ҳисоб хориҷ карда мешаванд. Фоида ё зарар аз фурӯш ё хоричшавии дигари воситаҳои асосӣ ҳамчун фарқият байни нархи фурӯш ва арзиши тавозунии ин объектҳо муайян карда мешавад ва дар фоида ё зарар эътироф карда мешавад.

***Дороиҳои ғайримоддӣ***

Дороиҳои ғайримоддие, ки алоҳида харид шудаанд. Дороиҳои молиявӣ бо мӯҳлати муайяни истифодаи самарабахш, ки алоҳида харид шудаанд бо арзиши ибтидоӣ тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда ва захираи ҷамъшуда аз руи беқурбшавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Истеҳлоқ бо усули хаттӣ дар тӯли мӯҳлати истифодаи фоиданоки он эътироф карда мешавад. Мӯхлати истифодаи фоиданок ва усули истеҳлоқшавӣ дар охири ҳар давраи ҳисоботӣ бо натиҷаи дигаргуниҳо дар баҳодиҳӣ дида баромада мешавад, ва таъсири дигаргуниҳо ба таври перспективӣ инъикос мегардад. Дороиҳои молиявӣ бо мӯхлати номуайяни истифодаи фоиданок, ки алоҳида харидорӣ шудаанд, бо арзиши аслӣ тарҳи хароҷоти беқурбшавии ҷамъшуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аз ҳисоб баровардани дороиҳои ғайримоддӣ. Дороиҳои ғайримоддӣ дар ҳолати қарор ё надоштани ояндаи фоидаи иқтисодӣ, ки аз интизориҳои истифода ё дар маъразгузорӣ аст, қатъ мегарданд. Фоида ва хароҷоти аз ҳисоб баровардани дороиҳои молиявӣ, ки ҳамчун муайянкунандаи тафовут байни фоидаи софи баамалбарорӣ ва нархи мувозинатии дороиҳо буда вақти қатъгардии дороиҳо дар ҳайати фоида ё зарар инъикос карда мешаванд.

Беқурбгардонии дороиҳои ғайримоддӣ, ғайр аз гудвилл. Дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ Ташкилот нархи мувозинатии дороиҳои ғайримоддиро барои муайнкунии нишонаҳои зарари дороиҳо аз беқурбшавӣ дида мебарояд. Дар ҳолати вуҷуд доштани чунин нишонаҳо нархи ҷубронкунии дороиҳо бо мақсади муайянкунии дараҷаи зарар аз беқурбшавӣ (агар вуҷуд дошта бошанд) баҳо дода мешавад. Дар он ҷойҳое, ки имконияти баҳодии ҷубронкунии нархи дороиҳои алоҳида, Ташкилот маблағи баҳодиҳии воҳиди ҳосилро, ки ба он дороӣ таалуқ дорад, баҳо медиҳад. Дар асоси ҷудокунии оқилона ва пайиҳам метавонанд муайян карда шаванд, дороиҳои иттиҳодиявӣ инчунин воҳидҳои ҳосили ҷудогона тақсим шудаанд ё дар акси ҳол онҳо ба гурӯҳҳои хурди воҳидҳои ҳосил тақсим мешаванд, ки барои онҳо дар асоси ҷудокунии оқилона ва пайиҳам метавонанд муайян карда шаванд.

Дороиҳои ғайримоддӣ бо мӯҳлати номуайяни истифодаи самаранокашон ва дороиҳои ғайримоддие, ки барои истофода дастрас нестанд ҳадди ақал ҳар сол ҷиҳати беқурбшавӣ ва ҳар вақти мавҷуд будани нишонаи он ки дороӣ вайрон карда шудааст санҷиш гузаронида мешавад.

Арзиши ҷуброншаванда ҳамчун бештарини аз нархи одилонаи нигоҳдории фурӯш ва арзиш аз истифодабарӣ муайян карда мешавад. Дар баҳодии арзиши истифодабарӣ селобаи пулӣ интизоррафта ба арзиши ҷорӣ бо истифодаи меъёри пешакии тахфифшавӣ тахфиф мешаванд, ки арзиши муваққатии маблағи ҷории бозорӣ ва хатарҳое, ки хоси дороиҳои мазкур буда барои онҳо арзиши селобаи ояндаи воситаҳои пулӣ тасҳеҳ нашудаанд, инъикос мекунанд.

Агар арзиши дороиҳои ҷуброншаванда (ё воҳидҳои пайдо кардани воситаҳои пулӣ) камтар аз арзиши тавозуни он баҳогузорӣ шавад, пас арзиши тавозунии дороӣ (ё воҳидҳои пайдо кардани воситаҳои пулӣ) то ба арзиши ҷуброншавандагӣ кам карда мешавад. Зарар аз беқурбшавӣ новобаста дар ҳисоботи фоидаи муштарак, ки агар дороиҳои дахлдор тибқӣ арзиши аз навҳисобшуда инъикос шуда бошанд, дар ин ҳолат зарари беқурбшавӣ ҳамчун азнавбаҳодиҳии пастшавӣ эътироф мешаванд.

Агар зарар аз беқурбшавӣ дар натиҷаи нобарорӣ бошад, арзиши тавозунии дороӣ (ё воҳидҳои пайдо кардани воситаҳои пулӣ) бо нархи дидабаромадашудаи арзиши ҷуброншавии он зиёд мешавад, аммо бо назадошти он, ки зиёд кардани арзиши тавозунӣ аз арзиши тавозуние, ки аз зарари беқурбшавӣ ҳамчун дороӣ (ё воҳидҳои пайдо кардани воситаҳои пулӣ) дар солҳои гузашта эътироф карда нашудаанд. Ивазкунии зарари беқурбшавӣ новобаста дар ҳисоботи фоидаи муштарак, ки агар дороиҳои дахлдор тибқӣ арзиши аз навҳисобшуда инъикос шуда

бошанд, дар ин ҳолат гардиши зарари беқурбшавӣ ҳамчун болоравии арзиш дида баромада мешавад.

***Андозбандӣ.*** Андоз аз фоида маблағи андоз аз фоидаи ҷориро дар бар мегирад.

Андоз аз фоидаи ҷорӣ. Маблағи хароҷоти андоз аз фоидаи давраи ҷорӣ бо назардошти ҳаҷми фоидаи андозбандишавандаи дар давоми сол гирифташуда муайян карда мешавад. Фоидаи андозбандишаванда аз фоидаи холисе, ки дар ҳисобот оиди фоида ва зарар (ҳисобот оиди фоидаи умумӣ) пешниҳод шудааст, фарқ мекунад, зеро ки он моддаҳои фоида ва зарареро, ки бояд дар дигар солҳо андозбандӣ ё тарҳ шаванд, ва инчунин моддаҳоеро, ки бо мақсади андоз аз фоида андозбандинашаванда ва инъикоснашаванда мебошанд, дар бар намегирад. Ба ҳисоб гирифтани хароҷоти андоз аз фоидаи Ташкилот дар соли ҷорӣ бо истифодаи меъёри андози дар давоми соли ҷорӣ вориднамуда ба роҳ монда мешавад.

Андоз аз фоидаи мавқуфгузошта. Маблағи андоз аз фоидаи мавқуфгузошта аз руи тафовути муваққатӣ байни арзиши тавозунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо дар ҳисоботи молиявӣ ва асосҳои муносиби андозии онҳо, ки барои ҳисоби маблағи андозбандишаванда истифода мешаванд, ҳисоб карда мешавад. Уҳдадориҳои андоз аз фоидаи мавқуфгузошта одатан барои ҳама фарқиятҳои муваққатии андозбандишаванда эътироф карда мешаванд. Дороҳои андоз аз фоидаи мавқуфгузошта одатан барои ҳама тавофути муваққатии тарҳшаванда ба андозае, ки эҳтимолияти будани даромади андозбандишаванда барои истифодаи ин тавофут, эътироф мегардад. Чунин дороиҳо ва ӯҳдадориҳои андоз аз фоидаи мавқуфгузошта эътироф намешаванд, агар фарқияти муваққатӣ дар натичаи эътирофи ибтидоии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо (ба ғайр аз фаъолияти муштарак) на ба фоидаи андозбандишаванда ва на ба фоидаи мухосиби таъсир нарасонад.

Арзиши тавозунии дороиҳои андози мавқуфгузошта дар ҳар як санаи ҳисоботӣ тафтиш карда шуда ба миқдоре, ки ба эҳтимолияти нагирифтани фоида аз амалӣ кардани талаботи андоз, ки барои пурра ё қисман ҷуброн кардани дорои кофист баробар аст, кам карда мешавад. Андозҳои мавқуфгузошта мувофиқи меъерҳои андозе, ки эҳтимолан дар давраи пардохти ӯҳдадориҳо ё ҷуброншавии дороиҳо амал мекунанд, ҳисоб карда мешаванд.

Баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳои андози мавқуфгузошта натиҷаи андозбандшавиро инъикос мекунад, ки аз умедвории Ташкилот дар охири давраи ҳисоботӣ барқарор ё пардохт намудани арзиши тавозунии ин дороиҳо ва уҳдадориҳо бар меояд.

Андоз аз фоидаи ҷорӣ ва мавқуфгузошта барои сол. Андозҳои ҷорӣ ва мавқуфгузошта дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос мегарданд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки онҳо дар моддаҳои бевосита ба дигар фоидаи умумӣ ё сармоя алоқаманд тааллуқ доранд, ва дар ин сурат андозҳои ҷорӣ  ва мавқуфгузрошта низ дар таркиби ҳисобот оиди дигар фоидаи умумӣ ё сармоя инъикос мегарданд. Дар ҳолатҳое, ки агар андози ҷорӣ ё мавқуфгузошта аз баҳисобгирии ибтидоии ташкилотҳои муттаҳид ба вуҷуд ояд, таъсири андозбандшавии онҳо дар ташкилотҳои муттаҳид  ба ҳисоб гирифта мешавад.

Андозҳои амалиётӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ки дар ҳудудаш Ташкилот фаъолият мекунад, андозҳои гуногун вуҷуд доранд ,ки дар амалиётхои Ташкилот ҳисобида мешаванд. Ин андозҳо ҳамчун қисми хароҷотҳои амалиётӣ дар хисобот оид ба фоида ва зарар ва дигар даромадҳои маҷмуӣ сабт мешаванд.

***Захираҳо.*** Захираҳо дар баҳисобгирии Ташкилот дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ӯҳдадориҳои ҷорӣ аз руи рӯйдодҳои гузашта (бо меъёри ҳуқуқ муқарраршуда ё тахминшуда), ки барои пардохти онҳо эҳтимолан хориҷшавии манбаъ, ки фоидаҳои иқтисодиро дарбар мегирад, зарур мешавад инъикос мегарданд; дар баробари ин, миқдори чунин ӯҳдадориҳоро бояд бо дараҷаи аниқ метавон баҳо дод.

Маблағе, ки ҳамчун захира инъикос гардидааст, баҳодиҳии аз ҳама беҳтарини подоши барои пардохти уҳдадории ҷорӣ зарур дар охири давраи ҳисоботӣ, бо назардошти хавфҳо ва номаълумии ба уҳдадории алоқаманд, мебошад. Дар вақте ки захира ҳамчун гардиши воситаҳои пулии барои пардохти уҳдадории ҷорӣ зарур баҳо дода шавад, арзиши одилонаи он

ба арзиши ҷории ин гардиши воситаҳои пулӣ (дар ҳолате, ки агар таъсири ивазшавии арзиши пул бо гузаштани вақт муҳим бошад) баробар аст.

Дар ҳолате, ки агар қисм ё ҳамаи манфиатҳои иқтисодӣ, ки барои пардохти уҳдадорӣ зарурaнд аз тарафи шахсони сеюм бояд баргардонда шаванд, ҳисоб барои гирифтан ҳамчун дорой инъикос мегардад, дар ҳолате, ки агар баргардондани маблағ қатъӣ буда маблағи мегирифтагиро метавон саҳеҳона баҳо дод.

***Ӯҳдадориҳои шартӣ.*** Ӯҳдадориҳои шартӣ дар ҳисоботи молиявӣ дар сурате инъикос мешаванд, ки барои пардохти ӯҳдадориҳо хориҷшавии маблағ зарур аст ва ҳаҷми чунин ӯҳдадориҳоро метавон боэътимодона муайян кард. Дороиҳои шартӣ дар ҳисоботи молиявӣ инъикос намешаванд, аммо дар сурати эҳтимолияти воридшавии фоидаи иқтисодӣ эзоҳ мешаванд.

***Ӯҳдадориҳои нафақавӣ.*** Пардохтҳо барои нақшаҳои муайяншудаи нафақа дар лаҳзаи расонидани хизматрасонии кормандон, пардохт мешаванд.

## 4. ДОИРАИ МУЛОҲИЗАИ МУҲИМИ РОҲБАРИЯТ ВА САРЧАШМАҲОИ НОМУАЙЯНИИ ТАХМИНКУНӢ

Дар ҷараёни истифодаи сиёсати муҳосибии Ташкилот, роҳбарияти Ташкилот бояд мулоҳизаҳо, тахминҳо ва муҳокимарониро дар бораи арзиши ҷории дороиҳо ва уҳдадориҳо пайдо кунад, ки аз сарчашмаҳои дигар гирифта шуда наметавонанд. Тахминҳо ва муҳокимарониро дар асоси таҷрибаи таърихӣ ва омилҳои гуногун, ки барои муҳити гуногун ҷоиз ҳастанд, мегузаронад. Натиҷаҳои аслӣ метавонанд аз тахмини ҳисобкардашуда фарқ кунанд.

Мулоҳизаҳо ва тахминҳо дар асоси доимӣ аз нав дида баромада мешаванд. Тағъирот ба тахминҳо дар даврае ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар он тағъирот ворид карда шудааст, агар тағъирот фақат ба ин як давра таъсир расонад, ва агар ба давраи ворид кардани тағъирот ва ҳамаи давраҳои оянда таъсир расонад, дар давраи тағъирот ва ҳамаи давраҳои оянда ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Мулоҳизаи муҳим**
***Баҳодиҳии бизнес модел.*** Тасниф ва баҳодиҳии воситаҳои молиявӣ аз натиҷаи пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоизҳо ва натиҷаҳои санҷиши бизнес-модел вобаста аст. Бизнес-моделе, ки аз ҷониби Ташкилот истифода мешавад, дар сатҳе муайян карда мешавад, ки механизми идоракунии воситаҳои молиявии барои расидан ба ин ё он ҳадафи тиҷорати гурухбандӣ шударо инъикос менамояд. Ин баҳодиҳӣ мулоҳизаеро, ки ҳамаи далелҳои дахлдорро, аз он ҷумла нисбат ба ҷараёни баҳодиҳӣ ва андозагирии самаранокии дороиҳо; хавфҳое, ки ба самаранокии дороиҳо ва ҷараёни идоракунии ин хавфҳо ва механизми мукофотдиҳии шахсони идоракунандаҳои дороиҳоро инъикос менамояд, дар бар мегирад. Ташкилот мониторинги дороиҳои молиявиро, ки бо арзиши истеҳлоқшаванда ё арзиши одилона дар таркиби дигар фоидаи умумӣ баҳо дода мешавад, ки эътирофи онҳо пеш аз мӯҳлат қатъ шудааст, барои фахмидани сабабҳои хориҷшавии онҳо ва мувофиқати он ба мақсадҳои тиҷоратие, ки дар асоси он ин дороиҳо нигоҳ дошда шуда буданд, мегузаронад. Мониторинг қисми доимии баҳодиҳии бамаврид будани бизнес-модел аз тарафи Ташкилот мебошад, ки дар доираи он дороиҳои молиявии боқимонда нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҳолати бамаврид набудани бизнес-модел, таҳлили ворид намудани тағъирот ба бизнес-модел ва тағъироти имконпазир ба таснифоти дороиҳои дахлдор гузаронида мешавад.

***Афзоиши назарраси хавфи қарзӣ.*** Тавре, ки дар Эзоҳи 3 оварда шудааст, баҳогузории маблағи талафоти қарзии пешбинишуда бо маблағи захираи пешбинишуда, ки ба зарари қарзӣ, ки дар давоми 12 моҳ (барои дороихои марҳилаи якум) ё дар давоми тамоми мӯҳлати қарз (барои дороиҳои марҳилаҳои дуюм ва сеюм) пешбинӣ шудааст, баробар аст. Дорои дар холати афзоиши назарраси хавфи қарзии он аз санаи эътирофи ибтидои ба марҳилаи дуюм мегузарад. Дар СБҲМ (IFRS) 9 таснифи афзоиши назарраси хавфи қарзӣ оварда нашудааст. Ҳангоми баҳодиҳии назаррас будани хавфи қарзӣ барои дороии алоҳида Ташкилот маълумоти

ҳам сифатӣ ва ҳам миқдории дурнамоиро ба назар мегирад, ки асоснок мебошад ва онро метавон тасдиқ намуд. Маълумоти муфассалтар дар Эзоҳи 26 пешниҳод шудааст.

***Ташаккул додани гурӯҳҳои дороиҳое, ки хусусиятҳои хавфхои қарзии муносиб доранд.*** Дар ҳолате, ки агар талафоти қарзии пешбинишуда барои гурӯҳи дороиҳо муайян карда шавад, воситаҳои молиявӣ дар асоси хусусиятҳои умумии хавфҳо гурӯҳбандӣ мешаванд. Маълумоти муфассалтар оид ба хусусиятҳои ба назар гирифташуда, дар Эзоҳи 26 пешниҳод шудааст. Ташкилот хусусиятҳои хавфи қарзиро мунтаззам барои тасдиқ намудани монандии онҳо назорат мекунад. Ин барои аз нав гурӯҳбандӣ кардани дороиҳо дар ҳолати тағъир ёфтани хусусиятҳои хавфи қарзӣ зарур аст. Дар натиҷа пайдоиши сандуқи нав ё гузаронидани дороиҳо ба сандуқи муносиб, ки хусусияти хавфи қарзии гурӯҳи дахлдори дороиҳоро самараноктар инъикос менамояд, имконпазир аст. Гуруҳбандии такрории сандуқҳо ва ҷоиивазкунии дороиҳо байни сандуқҳо дар ҳолати афзоили назарраси хавфи қарзӣ (ё агар чунин афзоиши назаррас бозгашт кунад)тез-тез гузаронда мешавад ва дороиҳо аз сандуқе, ки дар асоси талафоти қарзӣ дар давоми 12 моҳ пешбини шуда, ба сандуқе, ки дар асоси талафоти қарзӣ дар давоми тамоми мӯҳлати амали қарз пешбини шудааст ва баръакс, гузаронида мешаванд. Гузариш инчунин дар дохили сандуқҳо низ имконпазир аст, ки дар чунин ҳолат дар ҳамин асос баҳогузорӣ карда мешаванд (талафотхои қарзи дар давоми 12 моҳ ва дар давоми тамоми мӯҳлати амали қарз пешбини шуда), вале дар ин ҳолат маблаги талафоти қарзии пешбинишуда тағъир меёбад, азбаски хавфи қарзии сандуқ низ тағъир меёбад.

***Моделҳо ва тахминкуниҳои истифодашуда.*** Дар вақти баҳодихии арзиши одилонаи дороиҳои молиявӣ, ва инчунин ҳангоми баходихии талафоти қарзии пешбинишуда Ташкилот моделҳо ва тахминкуниҳои гуногунро истифода мебарад. Ҳангоми муайян кардани модели беҳтарин барои ҳар як намуди дорой, ва инчунин барои муайян кардани тахминкуниҳо, ки дар ин моделҳо истифода шудаанд, аз он ҷумла тахминкуниҳои ба омилҳои асосии хавфи қарзӣ алокаманд, мулоҳиза истифода бурда мешавад. Маълумоти муфассалтар оиди талафоти қарзии пешбинишуда дар Эзоҳи 26 ва маълумот оиди баходии арзиши одилона дар Эзоҳи 24 пешниход карда шудааст.

***Барқароркунии дороиҳои мавқуфгузоштаи андоз аз фоида.*** Роҳбарияти Ташкилот итминон дорад, ки ҳеҷ гуна захира аз руи бекурбшавии дороиҳои мавқуфгузоштаи андоз аз фоида дар санаи ҳисоботӣ зарур нест, зеро эҳтимолияти пурра истифода будрдани он баланд аст. Арзиши тавозунии дороиҳои мавқуфгузоштаи андоз аз фоида дар санаи 31 декабри солхои 2022 ва 2021, мутаносибан, 1,470 ҳазор сомонӣ ва 2,444 ҳазор сомониро, мутобиқан, ташкил дод.

**Сарчашмаҳои асосии номуянии тахминкунӣ**

Дар поён мулоҳизаҳои муҳиме оварда шудаанд, ки аз тарафи роҳбарият дар ҷараёни татбиқи сиёсати ҳисоботии Ташкилот истифода шудаанд, ки таъсири онҳо ба маблағҳои дар ҳисоботи молиявӣ эътирофшуда назаррас аст.

***Муайян кардани миқдор ва вазни нисбии сенарияҳои пешбинишуда барои ҳар як намуди маҳсулот ва муайян кардани маълумоти дурнамои, ки ба ҳар як сенария вобаста аст.*** Ҳангоми андозагирии талафоти қарзии пешбинишуда, Ташкилот маълумоти дурнамоии оқилона ва далелнокро истифода мебарад, ки дар фарзияҳо оиди тағъирёбии ояндаи меъёрҳои гуногуни иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба ҳамдигар, асос ёфтааст. Барои маълумоти бештар, аз ҷумла таҳлили ҳассосияти талафоти қарзии пешбинишуда ба тағирот дар меъёрҳои иқтисодӣ, ба Эзоҳи 26 нигаред.

